ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2015-2019

ДУШАНБЕ - 2014

МУНДАРИҶА

Рӯйхати ихтисорот

Пешгуфтор

БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА
ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ХОРУҒ

БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ
2.1 Соҳаи саноат.
2.2. Соҳаи кишоварзӣ
2.3. Соҳибкории хурду миёна
2.4. Сохтмон

БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ
3.1. Соҳаи маориф
3.2. Соҳаи тандурустӣ
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш

БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ
4.2. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ
4.3. Таъмини барқ
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

БОБИ 6. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ
7.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии шаҳр
7.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ

Замимаҳо оид ба стратегияи рушди шаҳри Хоруғ аз рӯи соҳаҳо

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| КММ | Кумитаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати муҳоҷират, меҳнат ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗИ | Агентии беҳдошти замин ва ирригатсия |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ГК | Гурӯҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |

| | |
|---|---|
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |



***Биниши шаҳри Хоруг***

(*тасаввуротиояндаи шаҳр бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда*)

*Хоруг нигини Бадахшон буда, дар он барои рушди соҳибкорӣ ва таъсис додани корхонаҳои муштарак ҷиҳати коркарди маъданҳои куҳӣ дар заминаи захираҳои табиии мавҷуда тамоми шароит фароҳам оварда шуда, ҳамкории мутақобила байни мақомоти маҳаллӣ бо бахши хусусӣ дар сатҳи зарурӣ ва самаранок ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳри Хоруг коркарди маҳсулоти саноатӣ бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шуда, аҳолӣ бо кори доимӣ таъмин гардидааст. Дар шаҳр мардуми аз ҷиҳати ақлониву зеҳнӣ ташаккулёфта истиқомат дошта, марказҳои фарҳангиву таърихӣ, инфрасохтори навин, хизматрасонии замонавии иҷтимоӣ бо кадрҳои баландихтисос фаъолият мекунанд.Соҳаҳои сайёҳӣ ва варзиш рушд ёфта, муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост.*

# ПЕШГУФТОР

Хоруғ маркази вилоят буда, 19,3 км$^2$ масоҳат дорад. Шаҳри Хоруғ дар тақсимоти меҳнати вилоят ҳамчун тавллидкунандаи маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 33 фоизро ташкил медиҳад. Барои рушди минбаъдаи саноат бахусус дар самти коркарди маъданҳои куҳӣ тамоми шароит дар шаҳр мавҷуд аст. Ба иқтидорҳои зиёди мавҷудбудаи шаҳр нигоҳ накарда мушкилиҳое низ вуҷуд доранд, ки ба рушди он таъсири манфӣ мерасонад. Дар панҷсоли оянда бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта ва муҳайё намудани шароит барои беҳдошти зидагии мақсади асосии Барнома мебошад.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2015-2019 (минбаъд-Барнома) дар асоси "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома ин пеш аз ҳама мусоидат намудан ба рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, зиёд намудани қисми даромади буҷети маҳаллӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва дар ин замина зиёд намудани теъдоди табақаи миёнаи аҳолӣ мебошад.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсатиояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд, ки ин барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои асосии иқтисодиёти шаҳр чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ дар назар дошта шудааст. Дар амал татбиқ намудани чорбиниҳои гузошташуда байни солҳои 2015-2019 имкон медиҳад, ки соҳаҳои воқеии иқтисодиёти шаҳр рушд ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ зиёд гардад.

Ба Барномаи рушди шаҳр 91 лоиҳа бо маблағи 868,9 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 38 лоиҳа бо маблағи 250,1 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 26 лоиҳа бо маблағи 400,8 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 22 лоиҳа бо маблағи 217,0 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 5 лоиҳа бо маблағи 940,0 ҳаз. сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист,ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи гражданӣ рост меояд.

**Тақсимоти**
**маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2015-2019” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)**

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 17820,9 | 3370 | 14050,9 | - | 200 | 200 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 24790 | 16290 | 7000 | 1000 | 500 | - |
| *Сохтмон* | 200900 | 59100 | 41800 | - | 50000 | 50000 |
| *Кишоварзӣ* | 6571,4 | 1323,7 | 1476,9 | 1256,9 | 1256,9 | 1257 |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | 250082,3 | 80083,7 | 64327,8 | 2256,9 | 51956,9 | 51457 |
| *Маориф* | 371500 | 70350 | 72950 | 75800 | 79600 | 72800 |
| *Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ* | 29290 | 17100 | 3130 | 3160 | 3000 | 2900 |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | 400790 | 87450 | 76080 | 78960 | 82600 | 75700 |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ ва ХМК* | 73956 | 34138 | 13989 | 11989 | 5920 | 5920 |
| Барқтаъминкунӣ | 54488 | 11645,6 | 10931 | 11470 | 10490,2 | 9951,2 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 88600 | | 22150 | 22150 | 22150 | 22150 |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | 217044 | 45783,6 | 47070 | 45609 | 38560,2 | 38021,2 |
| ***Ҳифзи муҳити зист,ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждани*** | 940 | 330 | 410 | 100 | 100 | - |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРШ*** | 868856,3 | 213647,3 | 187887,8 | 126925,9 | 173217,1 | 165178,2 |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | 141560 | 39360 | 29850 | 25250 | 27050 | 20050 |
| *Буҷети вилоятӣ* | 4490 | - | 130 | 160 | 2000 | 2200 |
| *Буҷети маҳаллӣ* | 11350 | 1250 | 2750 | 2450 | 2450 | 2450 |
| *Маблағҳои худӣ* | 51563 | 27335,6 | 11152,3 | 5691,3 | 4211,4 | 3172,4 |
| *Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | 482966,4 | 115263,7 | 117745,6 | 83385,6 | 83385,7 | 83185,8 |
| *Маблағҳои грантӣ* | 30478 | 14569 | 5994,5 | 5994,5 | 1960 | 1960 |
| *Саҳми аҳолӣ* | 1300 | 1300 | - | - | - | - |
| *Қарзи бонкӣ* | 44528,9 | 14569 | 20045,4 | 5994,5 | 1960 | 1960 |
| *Номаълум* | 100620 | - | 220 | - | 50200 | 50200 |

# БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии шаҳри Хоруғ

**Маълумоти умумӣ.** Шаҳри Хоруғ 27 октябри соли 1932 ҳамчун маркази маъмурии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъсис ёфта, дар қисми ҷанубу ғарбии вилоят дар соҳили дарёҳои Ғунд, Шохдара ва Панҷ дар баландии 2200 метр аз сатҳи бахр ҷойгир мебошад. Масоҳати умумии шаҳр 19,4 км $^2$ мебошад. Шаҳри Хорӯғ аз 6 маҳалла иборат аст

(маҳаллаҳои ба номи  М. Назаршоев;  С. Абдуллоев; Н. Хусрав; В. Гулмамадов ва А. Ҷомӣ).

Шаҳри Хоруғ дар ғарб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва шимол, шарқу ҷануб бо ноҳияҳои Шуғнону Роштқалъа ҳамсарҳад аст. Аз ҳудуди шаҳр шоҳроҳи абрешим Душанбе – Хоруғ – Мурғоб – Қулма – Қарақорум мегузарад. Инчунин дар ҳудуди шаҳр фурӯдгоҳи «Хоруғ» ҷойгир аст.

Масофа аз шаҳри Хоруғ то шаҳри Душанбе ба воситаи роҳи автомобилгарди ағбаи Хобуробод 527 км ва бо роҳи Дарвоз – Кӯлоб 680 км мебошад.

*Релеф ва иқлим.* Шаҳри Хоруғ асосан аз води танги кӯҳӣ иборат аст. Силсилаи қаторкӯҳҳои шаҳр, ки баландиашон ба 4200 то 4500 м мерасад, ҳамчун девор пастхамиҳои Шуғнон ва Рошткалъаро иҳота кардаанд. Дар байни кӯҳҳо дараҳо тӯл кашидаанд. Қаторкӯҳҳо аз моддаҳои такшин (рег, санг, қум,) иборатанд.

Иқлими шаҳр континентӣ, тобистонаш гарми хушк буда, зимистонаш хунук аст. Иқлими шаҳр ба таъсирҳои гуногуни экологӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, ҳаракати атмосфера ва радиатсияи офтоб алоқаманд мебошад. Зуд-зуд тағйирёбии иқлими фаслҳои сол ва ҳатто шабонарӯз ба назар мерасад. Гоҳо зимистони хунук якбора ба баҳори сербориш табдил меёбад ва баъзан баҳор хеле гарм омада, тобистонро мемонад. Дар фасли тобистон боришот қариб тамоман ба амал намеояд. Боришоти солона нисбатан зиёд буда, ба 200 - 250 мм баробар аст.

*Наботот.* Дар шаҳри Хоруғ беш аз 2000 намуди растанӣ мерӯяд. Дар ҳамвориҳо набототи гармидӯст месабзанд. Дар доманакӯҳҳо растаниҳои гунгунг, алафӣ, буттагӣ аз оилаи уракабгулон хушадоргулон, астрагал, артемизия, бобуна, аранҷиҳо ва дарахтони зардолу, шафтолу, олу, себи худрӯй, бед, сафедор вомехӯранд.

***Вазъи демографии шаҳр***. Дар шаҳри Хоруғ 28,6 ҳазор нафар ё 14 фоизи аҳолии вилоят ва 0,3 фоизи аҳолии ҷумҳурир истиқомат дорад (ба ҳолати 1.01.14). Аз шумораи умумии аҳолӣ  42,0 фоиз мард (13,8 ҳазор нафар) ва 58,0 фоиз зан ( 14,7 ҳазор нафар) мебошад. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,5 фоиз ва зичии аҳолӣ 0,6 нафарро дар 1 км$^2$ ташкил медиҳад. Аҳолии шаҳрро 99 фоиз тоҷикон, 0,2 фоиз қирғизон ва 0,8 фоиз дигар миллатҳо ташкил медиҳад. Шаҳр аз рӯи хусусияташ саноатӣ мебошад.

**Шумораи аҳолии шаҳр**

| № | **Нишондиҳандаҳо** | **Воҳиди ченак** | **Шумораи умумӣ** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 4340 | 4742 | 5120 | 5396 | 5748 |

**Отформатировано**: По ширине, Отступ: Слева:  0 см, Добавлять интервал между абзацами одного стиля

**Отформатировано**: По ширине

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 28200 | 28200 | 28200 | 28340 | 28639 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 13900 | 13820 | 13800 | 13840 | 14109 |
| - | Зан | нафар | 14300 | 14380 | 14400 | 14500 | 14530 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони синни 3-6 сола | нафар | 1500 | 1700 | 1514 | 1676 | 1945 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола (умумӣ) | нафар | 2280 | 3200 | 2320 | 2242 | 6470 |
| - | Кӯдакони то 17 сола (умумӣ) | нафар | 720 | 8000 | 7400 | 8100 | 6789 |
| - | Шумораи умумии маъюбон, | нафар | 1041 | 1105 | 1036 | 1034 | 1108 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони маъюб (то 17 сола) | нафар | 297 | 318 | 294 | 314 | |
| - | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 10180 | 910 | 11200 | 10100 | 20290 |
| | Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 3834 | 3000 | 2559 | 2900 | 3200 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 1868 | 1880 | 1877 | 1974 | 1805 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ | нафар | 3100 | 2900 | 2540 | 2343 | 2343 |
| 3 | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 9600 | 10500 | 10964 | 11324 | 14411 |
| 4 | Бекорони расман ба қайдгирифта | нафар | 552 | 498 | 548 | 592 | 515 |
| 5 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 6828 | 6679 | 7204 | 8690 | 10223 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 70,9 фоиз ба кор машғул, 16,3 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 3,6 фоиз бекорон мебошанд. Танҳо таи чор соли охир шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда 7,0 фоиз коҳиш ёфта бошад ҳам, вале сатҳи бекорӣ ҳанӯз аз рӯи ҳисобҳои ғайрирасмӣ зиёд аст ва ин метавонад ба иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ расонад. Барои бартараф намудани масъалаи ҷойдошта дар доираи Барномаи рушди шаҳр тайи солҳои минбаъда ба кордарории иқтидорҳои мавҷуда дар назар аст ва ин метавонад ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат намояд. Умуман, ҳадафи асосии дар ин самт таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тавассути ба кордарории иқтидорҳои мавҷуда дар солҳои минбаъда мебошад ( аз ҷумла, барқарор ва бунёд намудани корхонаи ресандагӣ, бофандагию дӯзандагӣ, инчунин корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ).

Беҳтар намудани шароити хизматрасонии иҷтимоӣ барои маъюбон, ки 3,6 фоизи аҳолии шаҳрро ташкил медиҳанд яке аз самтҳои асосии Барнома дар панҷсоли оянда мебошад. Аз шумораи умумии маъюбон 30,3 фоизро кӯдакони маъюби синни то 17 сола ташкил медиҳад ва дастрас намудани

хизматрасонии иҷтимоӣ барои онҳо дар солҳои минбаъда ҳадафи асосии Барнома аст.

**Таҳлили вазъияти умумии шаҳр** (SWOT)

| **Тарафҳои қавӣ** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| • Шароити мусоиди ҷуғрофӣ ва табиати дилҷалбкунанда барои рушди соҳаи туризм;<br>• Мавҷуд будани корхонаҳои саноатӣ;<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос;<br>• Мавҷуд будани инфрасохтори аввалия;<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва боғи ботаникӣ дар баландии 2320 метер аз сатҳи бахр;<br>•Мавҷуд будани фурудгоҳ ва роҳи ҳавоӣ; | • Заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои туристӣ ва набудани брошюраҳои алоҳида, буклетҳо ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву ташфиқотӣ оид ба ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва боғи ботаникӣ;<br>• Кухнаю фарсуда шудани таҷҳизотҳои корхонаҳо ва талабот имрӯза ҷавогӯй набудани онҳо. Набудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ дар корхонаҳои мавҷуда;<br>• Набудани ҷои кори доимӣ ва баромада рафтани кадрҳои баландихтисос аз худуди шаҳр;<br>• Ба талаботи ҷавобгӯй набудани инфрасохтори мавҷуда;<br>• Дар ҳолати бад қарор доштани иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои обу ташноб;<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалятнок ва назаррас набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти шаҳр. |
| **Имкониятҳо** | |
| • Бунёди бошишгоҳи терминали байналмилалӣ;<br>• Таҷдид ва барқарорсозии шоҳроҳи Дарвоз-Ванҷ-Хоруғ; | • Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>• Баста шудани шоҳроҳи Кулма бо Ҷумҳурии Халқии Ҳитой; |

| | |
|---|---|
| • Бунёди донишгоҳи байналмилалӣ;<br>• Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва қарорҳои махсуси ҲҶТ ҷиҳати пешбурди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ;<br>• Ба фаъолият даромадани минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим»;<br>• Бунёди фурдгоҳи байналмилалӣ дар ноҳияи Ишкошим. | • Авҷ гирифтани бухрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти шаҳр;<br>• Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>• Обхезии дарёҳои Ғунду Панҷ ва шусташавии заминҳои назди соҳил. |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи саноат

**Таҳлили ҳолати кунунӣ**. Дар шаҳри Хоруғ 12 корхонаи хурду миёна фаъолият мекунад, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят 33 фоизро ташкил медиҳад.

ар истехсоли маҳсулоти саноатии шахр ҳиссаи корхонаи КДММ “Панч”, НОБ-и “Хоруғ” зиёд аст. Дар ҳоли ҳозир корхонаҳои саноатии шаҳр аз сабаби кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоту дастгоҳои мавҷуда, набудани ашёи хом ва дигар омилҳои субективю обективӣ бо иқтидори пуррашон кор намекунанд.




***Ҳолати корхонаҳои саноатии шахр*** (***ба ҳолати*** 1.01.2014)

| № | *Номгӯи корхонаҳо* | *Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда* | *Иқтидори Лоиҳавӣ/ солона* | *Иқтидори ҳозира/ солона* | *Ҳолати техникӣ* | *Истифодабарандагони маҳсулот* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | *НОБ-и «Хоруғ»* | *Нерӯи барқ* | 9 МВт | 8,7 МВт | *Дар ҳолати хуби корӣ* | *Аҳолии шаҳр* |
| 2. | ҶДММ «Панч» | *Ҳасиб*<br>*Гӯшт*<br>*Маҳ-ти нимтаёр*<br>*Маҳ-ти қанодӣ*<br>*Оби нӯшокӣ*<br>*Оби менералӣ*<br>*Оби соф* | 3,5 *тонна*<br>2.8 *тонна*<br>2,4 *тонна*<br>1,0 *тонна*<br>13,6 *ҳаз.л*<br>13,5 *ҳаз.л.*<br>1,0 *ҳаз.л.* | 3,1 *тонна*<br>2,8 *тонна*<br>4,4 *тонна*<br>0,7 *тонна*<br>13,6 *ҳаз. л.*<br>13,5 *ҳаз.л.*<br>6,1 *ҳаз. л.* | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Бозори дохилӣ* |
| 3. | ҶДММ «Хуҷаназар» | *Плити бомпӯш*<br>*Хишт*<br>*Сарпӯши ҷоҳҳо* | 2369$м^2$<br>10840 *дона*<br>100 *дона* | 2369$м^2$<br>10840 *дона*<br>4 *дона* | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии вилоят* |
| 4. | Корхонаи «Фароғат» | *Коркарди сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо* | | | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр ва дохили кишвар* |
| 5. | ҶДММ «Помир» | *Равғани ангат*<br>*Нӯшокии олу*<br>*Нӯшокии хуч* | 350 *л*<br>5000 *л*<br>20000 *л* | 200 *л*<br>1500 *л*<br>3000 *л* | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр ва дохили кишвар* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Корхонаи дӯзандагии шаҳри Хоруғ | *Либоси низомӣ* *Чиози бистарӣ* | 13000 *дона* 80000 *ҷуфт* | 9000 *дона* 30000 *ҷуфт* | *Дар ҳолати хуби корӣ* | *Аҳолии шаҳр ва дохили кишвар* |
| 7. | ҶДММ «Ҷавҳарӣ» | *Сехи пойафзолдӯзӣ* | | | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр* |
| 8. | ҶДММ «Ависсена» | *Маҳсулоти доруворӣ* | | | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр ва дохили кишвар* |
| 9. | ҶДММ «Шири Кӯҳистон» | *Маҳсулоти ширӣ* | | | *Дар ҳолати хуби корӣ* | *Аҳолии шаҳр* |
| 10. | Матбаа | *Маҳсулоти когазӣ* | | | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр ва вилоят* |
| 11. | КФОТ | | | | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Аҳолии шаҳр* |
| | | Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ | 3,5 млн. м$^3$ | 1,8 млн. м$^3$ | | |
| | | | | | | |
| 12. | *ҶСШК «Ҳаёти нав»* | *Болишт, курпа* *Халати занона* | 450 *дона* 300 *дона* | 400 *дона* 250 *дона* | *Кӯҳна ва фарсуда* | *Бозори дохилӣ ва хориҷӣ* |
| | | *Халати тиббӣ* | 300 *дона* | 300 *дона* | | |

Таҷҳизоти 83 фоизи корхонаҳои мавҷуда дар ҳолати корношоям қарор доранд ва аз ин сабаб маҳсулоти истеҳсолшуда онҳо дар бозори дохилӣ рақобатпазир нест.

Тибқи "Нақшаи генералии шаҳр" барқарорсозии корхонаҳои мавҷуда (барои 207 нафар); сохтмони фабрикаи дӯзандагӣ" (барои 150 нафар бо арзиши 2,5 млн. сомонӣ); сохтмони корхонаи меваю сабзавот (барои 50 нафар); сехи истеҳсоли пенопластрирол; таҷдиди корхонаи бетонбарории ҶДММ «Хуҷаназар»; сехи коркарди равғани ангат; корхонаи коркарди пӯст ва пашм; корхонаи истеҳсоли шиша, барқаросозии иншотҳои обу корезӣ, иншооти барқарорсозии шабакаҳои обу ташноб) дар назар аст.

Дар ҳолати ба кор даровардани иқтидорҳои номбурда соли 2019 нисбати соли 2013 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 72 фоиз зиёд шуда, ба 45,0 млн. сомонӣ расонида мешавад ва 1500 нафар аҳолии маҳаллӣ ба ҷои кори доимӣ таъмин мегардад.

***Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳо тӯли солҳои*** 2010- 2013(***дар шакли пулӣ аз рӯи нархҳои ҷории соли*** 2013)

| *№* | ***Нишонди ҳандаҳо*** | ***Воҳиди ченак*** | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | ***Соли*** 2013 ***нисбат ба соли*** 2010 ***бо*** % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | *НОБ-и «Хоруғ»* | *ҳазор сомонӣ* | 5707,5 | 5136,5 | 6272,5 | 5889,5 | 103,2 |
| 2. | ҶДММ «Панҷ» | *ҳазор сомонӣ* | 115,7 | 168,1 | 186,2 | 203,8 | 176,1 |
| 3. | ҶДММ «Хуҷаназар» | *ҳазор сомонӣ* | 275,3 | 741,4 | 764,6 | 595,6 | 2,2 *м* |
| 4. | Корхонаи Фароғат | *ҳазор сомонӣ* | 16,8 | 15,3 | 30,3 | 32,4 | 192,8 |
| 5. | ҶДММ «Помир» | *ҳазор сомонӣ* | 75,5 | 40,8 | 41,8 | 35,8 | 47,4 |
| 6 | Корхонаи дӯзандагии шаҳри Хоруғ | *ҳазор сомонӣ* | - | - | - | *913,5* | 100 |
| 7 | ҶДММ «Ҷавҳарӣ» | *ҳазор сомонӣ* | 14,6 | 16,1 | 41,4 | 17,8 | 121,9 |
| 8 | ҶДММ «Ависсена» | *ҳазор сомонӣ* | 19,1 | 22,5 | 34,9 | 21,6 | 113,1 |
| 9 | ҶДММ «Шири Кӯҳистон» | *ҳазор сомонӣ* | - | - | - | *18,5* | 100 |
| 10 | Матбаа | *ҳазор сомонӣ* | 75,5 | 96,0 | 118,6 | 119,3 | 158,0 |
| 11 | КФОТ | *ҳазор сомонӣ* | 173,9 | 182,6 | 228,6 | 243,2 | 139,8 |
| 12 | *ҶСШК «Ҳаёти нав»* | *ҳазор сомонӣ* | 72,3 | 83,0 | 74,7 | 77,6 | 107,3 |

Дар бахши саноат самти асосӣ ва афзалиятнок дар панҷ соли минбаъда ин самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои мавҷуда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, ворид намудани техникаю технологияи замонавӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аст.

**Ҷанбаҳои экологӣ**. Корхонаҳои саноатии шаҳр шиносномаи экологӣ надоранд. Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда нашудааст, ки ин дар оянда ба хатарҳои экологӣ оварда мерасонад.

### 2.2. **Соҳаи соҳибкории хурду миёна**

Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар пешбурди иқтисодиёти шаҳр нақши калон дошта, сарчашмаи асосии даромади буҷаи маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Ҳиссаи соҳибкорони хурду миёна дар қисми даромади буҷети шаҳр 33 фоизро ташкил медиҳад. Соҳибкорони шаҳр асосан ба тиҷорат, хизматрасонии маишию маъданӣ, сохтмон ва истеҳсолот шуғл доранд.

**Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна (ҳаз. сомонӣ)**

| **Соҳаҳо** | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 380,8 | 850,3 | 1162,3 | 1497,6 |
| Нақлиёт | 164,4 | 259,6 | 121,0 | 125,5 |
| Саноат | 40,6 | 158,0 | 112,4 | 64,8 |
| Сохтмон | 902,6 | 467,4 | 496,2 | 444,7 |
| Соҳибкорон | 1959,0 | 2480,7 | 2667,3 | 4191,9 |
| Бонкҳо | 1868,6 | 2300,2 | 3379,8 | 3061,8 |
| Дигар соҳаҳо | 11341,2 | 15992,0 | 22396,6 | 27204,0 |
| **Ҳамагӣ**: | 16659,2 | 22510,3 | 30337,7 | 36590,3 |

Таи солҳои охир воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ 2,2 маротиба зиёд шуда, ҳиссаи он дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ аз 12 фоиз ба 20 фоиз расидааст.

Аз рӯи маълумоти расмӣ 142 ташкилоти ҷамъиятӣ (аз ин фаъолият дорад 47), 189 корхонаи хурд (аз ин 87 фаъолият дорад), 57 ошхонаи шахсӣ, 57 мағозаи шахсӣ, 9 меҳмонхона дар шаҳр ба қайд гирифта шуда, 817 соҳибкор бо патент ва 293 нафар бо шаҳодатнома фаъолият мекунад. Ба буҷет тавассути соҳибкорон 2,4 млн. сомонӣ маблағ ворид гардидааст (1,1 млн. сомонӣ ба соҳикорони тариқи патент ва 1,3 млн. сомонӣ соҳибкорони бо шаҳодатнома), ки дар маҷмӯъ маблағи пардохтшуда ба ҳар як нафар соҳибкор 296 сомонӣ рост меояд (ба ҳолати 1.01.14).

Дар тасъсиси ҷои нави корӣ барои аҳолӣ низ саҳми соҳибкории хурду миёна зиёд аст ва аз шумораи умумии ба кор таъминшудагон 80 фоиз ба ин соҳа рост меояд.

*Нақши* СХМ *дар таъмини шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо* (01.01.2014)

| Соҳаҳо | Миқдори субъектҳои ба қайд гирифташуда | | Шуғл | |
|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Миқдори ҷойҳои корӣ (аз ҷумла занҳо) | % аз шуғли умумӣ |
| Кишоварзӣ | 26 | - | 599/312 | 52,1 |
| Савдо | 1 | 913 | 946/848 | 89,6 |
| Хизматрасонӣ | 68 | 272 | 678/417 | 61,5 |
| Сохтмон | 8 | 10 | 171/563 | 32,7 |
| Саноат | 1 | - | 45/15 | 33,3 |
| *Ҳамагӣ* | 104 | 1195 | 2439/1648 | 67,6 |

Дар воқеъ, саҳми соҳибкории хурду миёна тайи се соли охир гарчанде дар истеҳсоли маҳсулоти умумии саноатии шаҳр 2,5 баробар афзоиш ёфта бошад ҳам, вале аз сабаби нокифоя будани имкониятҳои молиявӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ соҳибкорони ба

хизматрасонӣ ва истеҳсолот машғулбуда ба мушкилоти зиёд дучор гардиданд. Бо вуҷуди ин нақши соҳибкорони хурду миёна дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти ниёзи аввала, саноатӣ, сохтмонӣ ва дигар намуди молҳо калон буда, зиёда аз 80,0 фоизи таъмини бозори дохилӣ ба онҳо тааллуқ дорад.

Дар ҳоли ҳозир барои самаронок истифодабарии иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодии шаҳр чунин сиёсатро пеша гирифтан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкорӣ равона шуда, ба соҳикорони истеҳсолӣ мусоидат намояд. Дар ин самт ташкил намудани навҳои нави истеҳсолот ва эҳёи ҳунару касбҳои анъанавии қадимаи аҷдодӣ марбут ба ҳунарҳои дузандагӣ, бофандагӣ, ресандагӣ, оҳангарӣ вобаста ба хусусияти хоси маҳаллаҳо, деҳаҳо (аз рӯи раванди “як деҳа як маҳсулот”) ба мақсад мувоффиқ аст. Ин метавонад дар баланд шудани даромад, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва ба ҷои кории доимӣ таъмин намудани аҳолии шаҳр мусоидат намояд.

*Пешниҳоди хизматрасонӣ барои рушди СХМ*. Барои дастгири бахши хусусӣ дар шаҳри Хоруғ филиалҳои БДА «Амонатбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинестбонк», ҶСК, Ориёнбонк”, ҶСП «Аввалин Бонки молиявии хурд» ва ҶСП «Соҳибкорбонк» фаъолият доранд. Дар давоми солҳои 2010-2013 тавассути бонкҳо ба мизоҷон 376,3 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ (10,4%), ниёзи иҷтимоӣ (20,7%), саноату сохтмон (1,1%) ва соҳибкорӣ (савдо) (31,2 %) пешниҳод гардидааст.

Дар соли 2013 тавассути бонкҳо аз хориҷи кишвар зиёда аз 40,8 млн. доллари ИМА маблағ интиқол шуда, зиёда аз 91,7 млн. сомонӣ маблағи шахсони воқеъӣ амонат гузошта шудааст.

Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2010-2013 (сомонӣ)

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида | Шумораи қарз исфодабарандагон | Аз рӯи бахшҳо (сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат, сохтмон | Савдои яклухт ва чакана | Ниёзи иҷтимоӣ |
| Филиали БДА «Амонатбонк» дар шаҳри Хоруғ | 2010 | 19613910 | 279 | 4419125 | - | - | - |
| | 2011 | 21997340 | 3571 | 3935864 | - | - | - |
| | 2012 | 19909880 | 2965 | 4418480 | - | 7441422 | 7833178 |
| | 2013 | 22754360 | 2791 | 4787050 | 120800 | 4877792 | 12838218 |
| Ҳамагӣ | | 84275490 | 9606 | 17560519 | 120800 | 12319214 | 20671396 |
| ФилиалиҶСК «Ориёнбонк» | 2010 | 3178530 | 154 | 1320930 | - | - | - |
| | 2011 | 3477400 | 172 | - | - | - | - |
| | 2012 | 2886000 | 190 | - | 439000 | 1178500 | 101500 |
| | 2013 | 1607300 | 88 | - | - | 1043000 | 296300 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | | 11149230 | 604 | 1320930 | 439000 | 2221500 | 397800 |
| Филиали ҶСП «Тоҷсодиротбонк» | 2010 | 5974127 | 756 | 254428 | - | - | - |
| | 2011 | 4384032 | 662 | 164167 | 114207 | 2578040 | 596060 |
| | 2012 | 27571244 | 2058 | 835435 | 1123664 | 16077171 | 8462197 |
| | 2013 | 44438411 | 3227 | 766804 | 544799 | 17783997 | 24293466 |
| Ҳамагӣ | | 82367814 | 6703 | 2020834 | 1782670 | 36439208 | 33351723 |
| Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | 2010 | 17080997 | 2007 | 3896232 | | | |
| | 2011 | 15575713 | 1853 | 3766213 | 285510 | 5895822 | 2555354 |
| | 2012 | 18127481 | 2104 | 4635866 | 95000 | 9567512 | 1746981 |
| | 2013 | 30835504 | 2996 | 4730191 | 30000 | 16312112 | 7725350 |
| Ҳамагӣ | | 81619695 | 8960 | 17028502 | 410510 | 31775446 | 12027685 |
| Аввалин бонки маблаѓгузории хурд | 2010 | 24781510 | 124 | 470303 | - | - | - |
| | 2011 | 25533698 | 1618 | 460080 | 304695 | 7136716 | 420717 |
| | 2012 | 27528131 | 1777 | 205300 | 50000 | 12574594 | 4623652 |
| | 2013 | 39092614 | 1955 | 414000 | 1145550 | 15131646 | 6499598 |
| Ҳамагӣ | | 116935953 | 5474 | 1549683 | 1500245 | 34842956 | 11543967 |
| Ҳамагӣ | 2010-2013 | 376348182 | 31347 | 39480468 | 4253225 | 117598324 | 77992571 |

Соҳибкорон нерӯи бузург ва созанда мебошанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти шаҳр вобастагии калон дорад. Ҳоло дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ, қувваи кории арзон, ашёи хом, захираи об, рег, санг ва қум мавҷуд аст, ки дар ин замина ба роҳ мондани соҳибкорӣ натиҷаи хуб хоҳад дод. Илова бар ин аксари занон ва духтарон дар ноҳия бе кор мебошанд ва роҳ мондани ҳунарҳои қадимаи мардумӣ дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

Соҳибкорони ноҳия ба кӯмаки машваратии касбӣ доир ба масъалаҳои ташкилу рушди бизнес, иттилоот доир ба омӯзиши бозор ва идоракунии он (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

**Сохтмон**

Дар шаҳри Хоруғ 17 корхонаи сохтмонӣ (ҶДММ "Дорожник»", ҶДММ "Одина", ҶДММ "Шоназар", ҶДММ «Назрӣ», ҶДММ "Хуҷаназар", ҶДММ "Эҳсо", ҶДММ "Синдбод», ҶДММ "Помирсохтмон", ҶДММ «Памирэнергосервис», ҶДММ «Бадахшон Интернешнл», ҶДММ "Тадэс», ҶДММ «Шариф ШС», ҶДММ «Бунёд», ҶДММ "«Маналит 2011»", ҶДММ «Панҷ», «КВТС» ДИП ҶТ ва ҶСП Барқи Помир) фаъолият дорад. Тамоми корҳои бунёду барқарорсозии шаҳр тавассути ин корхонаҳо амалӣ шуда, аҳолии маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин карда мешавад. Танҳо соли 2013 аз ҷониби корхонаҳои сохтмонӣ 1600 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд ва дар оянда низ аз ҳисоби сохтмони иншоотҳои нав зиёда аз 1200 ҷои кории иловагӣ таъсис дода мешавад.

Дар солҳои 2015-2019 сохтмони ва ба истифода додани зиёда аз 60 иншоот тақрибан ба маблаҒи 250 млн. сомонӣ дар соҳаҳои мухталиф дар

назар аст. Инчунин 20 иншооти сохтмонаш нотамом, ки бунёди онҳо солҳои 2012-2013 бо маблағи 93,0 млн. сомонӣ оғоз гардида буд (дар сохтмони онҳо 6,5 млн. сомонӣ маблағ масраф шудааст) боқӣ мондааст, ки сохтмонашон дар давоми ин солҳо идома дода мешавад. Инчунин дар давоми солҳои 2015-2019 тибқи Нақшаи генералии шаҳр бунёди шаҳраки нав дар маҳаллаи Тен бо назардошти талаботҳои шаҳрсозӣ пешбини шудааст (тақрибан ба маблағи 100,0 млн. сомонӣ).

Гарчанде равияи "Нақшаи генералии шаҳр" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда бошад ҳам (№ 00 аз 0.00. 11), вале то ба ҳоли ҳозир тарҳи муфассалӣ Нақшаи мазкур ҷиҳати ҷо ба ҷо гузории иншоотҳо дар ҳудуди шаҳр таҳия нашудааст, ки ин мушкилии зиёдро ба вуҷуд оварда истодааст. Бинобар ин таҳияи муфассали "Нақшаи генералии шаҳр" тибқи талаботи кодекси шаҳрсозӣ бо назардошти нишон додани иншоотҳо дар он зарур аст.

### 2.3. **Соҳаи кишоварзӣ**

Кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти шаҳр ҳиссаи калон надошта бошад ҳам, аммо дар таъмин намудани аҳолӣ ба меваю сабзавот тару тоза нақши арзанда дорад. Аҳолии шаҳр ба парвариши сабзавот, мева, картошка ва лубёгӣ ва хӯроки чорво (юнучқа ва дигар алафҳои ғизодор) машғул мебошанд. Қисми зиёди маҳсулот дар заминҳои наздиҳавлигӣ парвариш ёфта барои истеъмолоти шахсӣ истифода бурда мешаванд. Дар шаҳри Хоруғ ҳамагӣ 2 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ ва зиёда аз 5698 хонавода фаъолият мекунад.

Хоҷагиҳо ҳангоми кишти замин аз тракторҳои шудгоркунандаи универсиалӣ ва ҳайвоноти хонагӣ (говҳои корӣ) истифода мебаранд. Таракторҳои шудгоркунада асосан дар заминҳои ҳамвор ва бесанг ва говҳои корӣ бошад дар заминҳои санглох истифода бурда мешаванд.

Ҳоло дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ 5 адад трактор мавҷуд аст (аз ин 1 адад корношоям), ки онҳо талаботи хоҷагиҳоро пурра таъмин карда наметавонад. Барои дастрас намудан техникаю таҷҳизоти замонавӣ хоҷагиҳо маблағ надоранд.

**Истифодаи заминҳо**. Ба ҳолати 1 январи соли 2014 бо назардошт ҳамаи заминистифодабарандагон 27749 га (712 га обӣ) ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 25439 га замини берун аз ҳудуди марзи маъмурӣ истифодашаванда мебошад. Ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзи маъмурӣ 2310 гектарро (297 га обӣ) мебошад, ки аз ин 31 га замини корам аст.

***Ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзи маъмурӣ***

| | *Замини корам* | *Дарахтони бисёрсола* | *аз ҷумла: - боғот* | *- тутзор* | *- Ситрус ва субтропикӣ* | *Замини алафдарав* | *Замини наздиҳавлигӣ* | *Чарогоҳ* | *Ҷангалу бешазор* | *Дигар заминҳо* | ***Ҳамагӣ*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 31 | 67 | 58 | 5 | 3 | 3 | 330(197*га обӣ*) | 9 | 6 | 1864 | 2310 |
| ***Ба ҳисоби фоиз*** (%) | 1,3 | 2,9 | - | - | - | 0,1 | 14,5 | 0,3 | 0,2 | 80,7 | 100,0 |

Дар заминҳои обӣ картошка, сабзавот ва зироатҳои хӯроки чорво кишт карда мешавад. Ҳиссаи хоҷагиҳои шаҳр дар истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзии вилоят, аз ҷумла картошка 0,7 фоиз, сабзавот 3,3 фоиз ва меваҷот 1,9 фоизро ташкил медиҳад.

**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он**. Соли 2013 хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 10,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 47,1 фоизро соҳаи растанипарварӣ (4,8 млн. сомонӣ) ва 52,9 фоизро соҳаи чорводорӣ (5,4 млн. сомонӣ 37,0 %) ташкил медиҳад ва ба ҳар нафар сокини шаҳр 2,4 кг сабзавот, 13 кг картошка, 14,0 кг мева, 13 литр шир ва 3,5 кг гӯшт рост меояд, ки ин аз талаботҳои физиологӣ меъёри истеъмоли солонаи маҳсулот хело кам аст (аз руи меъёр гӯшт 68 кг, нон 183 кг, шир 183 кг, тухм 183 дона, моҳӣ 9,1 кг, равған 12 кг, мевагӣ 62 кг, сабзавот 110 кг). Барои аз рӯи меъёрҳои муайянгардида қонеъ гардонидани талаботи рузафзуни аҳолии шаҳр бо маҳсулотҳои лозима ҳамкориро бо дигар ноҳияҳои вилоят ҷиҳати таъмин намудани бозор дохили ба махсулотҳои зарурӣ ба роҳ мондан лозим аст.

Баланд бардоштани ҳосилнокии замин бо усули интесивӣ метавонад дар таъмин инамудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти тоза мусоидат намояд. Аз майдони умумии заминҳои кишти шаҳр зиёда аз 15 фоизашон дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доранд. Мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад ин дар ҳолати ногувор қарор доштани сарбандҳои обгирӣ мебошад. Дар ҳоли ҳозир зарурияти барқарор намудани 5400 метр сарбандҳо, сохтмони пойгоҳи обкашӣ дар маҳаллаи Тем (барои 60 га замини корам) ва барқарорсозии дарвозаи сарбанди асосии дарёи Панҷ ба мақсад мувоффиқ мебошад.

Барои обёри намудани заминҳои корам ва наздиҳавлигӣ дар давоми солҳои 2015-2019 барқарорсозии наҳрҳои Темур (10,4 км барои 104 га), Додихудоев (11,2 км барои 82 га) ва Шош Хоруғи поён (7,3 км барои 34 га) дар назар дошта шудааст.

# БОБИ 3. ИҶТИМОЁТ

## 3.1. **Соҳаи маориф**

Соҳаи маориф ҳамчун омили асосии рушди инсонӣ дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Барои расидан ба фарогирии пурра хонандагон ба таҳсилот дар доираи Барномаи рушди шаҳр корҳои зайлро ба сомон расонидан лозим аст: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ ва лавозимоти таълимӣ; в) сохтани мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа- волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо; д) ташкили мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳо.

***Дараҷаи маълумотнокӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият***

| *Нишондодҳо* | *Сол* | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | |
| *Дараҷаи маълумотнокӣ* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* |
| *Олии касбӣ* | 432 | 346 | 432 | 348 |
| *Миёнаи касбӣ* | 27 | 18 | 24 | 14 |
| *Миёна* | | | | |

Дар шаҳри Хоруғ 5 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 14 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ (аз ҷумла, 1 литсей), 1 гимназия, 1 донишгоҳи олӣ (Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ), 1 омӯзишгоҳи тиббӣ ва 2 омӯзишгоҳи касбиву-техникӣ фаъолият мекунад.

*Маълумоти томактабӣ*. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 35 гуруҳ бо шумораи  716 нафар (аз ин 356 нафар духтар) вобаста ба синну сол  ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд (гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб ва гурӯҳи русӣ). Ба тарбияи кӯдакон 81 нафар мурабӣ машғул мебошад, ки аз ин 1 нафар таҳсилоти миёна, 32 нафар таҳсилоти олии нопурра ва 48 нафарашон маълумоти олӣ доранд.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| *Нишондодҳо* | *Сол* | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | | 2012 | | | 2013 | | |
| | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Теъдоди муассиса* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Теъдоди муассиса* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла духтарон* | *Теъдоди муассиса* |
| *Муассисаи таҳсилоти томактабии шаыр* | 615 | 322 | 5 | 665 | 328 | 5 | 716 | 356 | 5 |
| | | | | | | | | | |
| *Ҳамагӣ:* | 615 | 322 | 5 | 665 | 328 | 5 | 716 | 356 | 5 |

Дар шаҳр зиёда аз 1676 нафар кӯдакони сину соли томактабӣ аз 3 то 6 сола ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин танҳо 42,7 фоиз онҳо ба кӯдакистон дастрасӣ дорад. Муассисаҳои томактабӣ дар маркази шаҳр ва маҳалаҳои Хоруғи боло, Тирчид ва Табобатхона ҷойгир мебошанд ва дар маҳалаҳои Чухт Хоруғ, Тем, Фурӯдгоҳ, Селхозтехника ва Андарситез (зиёда аз 6 ҳазор нафар аҳолӣ, аз ҷумла 700 нафар кӯдакони сини томактабӣ) муассисаи томактабӣ надоранд. Бештари кӯдакони маҳалаҳои номбурда ба муассисаи томактабӣ дастраси надоранд ва онҳо ба бунёди кӯдакистони замонавӣ ниёз доранд. Дар доираи Барнома рушди шаҳр сохтмони бинои боғчаи бачагонаи замонавӣ дар дар назар аст.

Дар ҳоли ҳозир аз шумораи умумии муассисаҳои томактабии мавҷуда танҳо 4 кӯдакистон ба талаботи ҷавобгӯй мебошанд. Бинои муассисаи таҳсилоти томактабии №1 кӯҳнаву фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз дорад.

**Маълумоти миёна**. Дар солҳои хониши 2013-2014 шумораи умумии хонандгон 4981 нафарро ташкил дода, аз ин 3717 нафар дар басти аввал ва 1264 нафар дар басти дуюм таҳсил менамоянд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии (нафар)*

| *Синфҳо* | 2011-2012 | | | | 20121-2013 | | | | 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *ҳамагӣ* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *ҳамагӣ* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* | *ҳамагӣ* | *писарон* | *духтарон* | *% духтарон* |
| *Таёрӣ* | 310 | 149 | 161 | 52 | 344 | 173 | 171 | 50 | 360 | 197 | 163 | 45 |
| I. | 541 | 312 | 229 | 42 | 382 | 185 | 197 | 52 | 453 | 231 | 222 | 49 |
| II. | 413 | 222 | 191 | 46 | 440 | 217 | 223 | 51 | 395 | 193 | 202 | 51 |
| III. | 377 | 190 | 187 | 50 | 387 | 191 | 196 | 50 | 438 | 212 | 226 | 52 |
| IV | 369 | 201 | 168 | 46 | 363 | 187 | 176 | 48 | 393 | 206 | 187 | 47 |
| *Ҳамагӣ* I-IV | 1920 | 984 | 936 | 49 | 1916 | 953 | 963 | 50 | 2039 | 1039 | 1000 | 49 |
| V | 372 | 184 | 188 | 51 | 347 | 187 | 160 | 46 | 356 | 194 | 162 | 45 |
| VI | 430 | 202 | 228 | 53 | 366 | 185 | 181 | 49 | 362 | 199 | 163 | 45 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VII | 480 | 254 | 226 | 47 | 429 | 204 | 225 | 52 | 370 | 189 | 181 | 49 |
| VIII | 468 | 233 | 235 | 50 | 498 | 255 | 243 | 49 | 440 | 216 | 224 | 51 |
| IX | 489 | 236 | 253 | 52 | 468 | 231 | 237 | 51 | 488 | 242 | 246 | 50 |
| *Ҳамагӣ* V-IX | 2239 | 1109 | 1130 | 50 | 2108 | 1062 | 1046 | 50 | 2016 | 1040 | 976 | 48 |
| X | 482 | 234 | 248 | 51 | 480 | 222 | 258 | 54 | 545 | 322 | 223 | 41 |
| XI | 434 | 213 | 221 | 51 | 473 | 243 | 230 | 49 | 472 | 220 | 252 | 53 |
| *Ҳамагӣ* X-XI | 916 | 447 | 469 | 51 | 953 | 465 | 488 | 51 | 926 | 451 | 475 | 51 |
| *Ҳамагӣ*: | 5075 | 2540 | 2535 | 50 | 4977 | 2480 | 2797 | 56 | 4981 | 2530 | 2451 | 49 |

Сабаби асосии пурра фаро нагрифтани хонандагон дар синфҳои болои (махсусан духтарон) рафтани онҳо ба дигар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ ва литсейҳои мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таълимии шахр 2 ассотсиатсияи волидайну омӯзгорон (АВО) фаъолият менамояд, ки ҳадафи асосии онҳо ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад. Дар муассисаҳои таълимии шаыр нарасидани китобҳои дарсӣ ва маводи методии

замонавӣ, набудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ ба назар мерасад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар доираи Барномаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

*Шаклҳои нави идоракунӣ*. Дар шаҳри Хоруғ ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шудаанд (тибқи қарори ҲҶТ аз 30.06.07. №350).

Низоми нави маблағгузории мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳр («ҷудокунии маблағ аз рӯи шумораи хонанда") бо сабаби шароитҳои хоси ҷойгиршавӣ (масофаи байни муассисаҳои таълимӣ, шумораи хонандагон ва дигар омилҳо) мушкилиҳои ҷиддиро ба миён овардааст. Дар натиҷа баъзе мактабҳои шумораи хонандагонашон кам ба мушкилиҳои зиёд дучор гардиданд. Ин ба фарогирии хонандагон ба таҳсил таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, бояд низоми меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумии минтақаҳои кӯҳистон дар асосӣ хусусиятҳои хоси ҷойгиршавии ҷуғрофию демографӣ ба роҳ монда шавад.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Сифати хониш дар муассисаҳои таълимӣ ба кадрҳои баландихтисоси педагогӣ алоқаманд аст. Аз рӯи маълумоти расмӣ соли 2014 дар муассисаҳои таълимии шаҳр 462 нафар омӯзгор ба таълми хонандагон фаро гирифта шудааст, ки аз ин 349 нафар ё 75 фоизи онҳо зан аст.

***Шумораи омӯзгорон дар тӯли солҳои* 2011-2014(*нафар*)**

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | |
|---|---|---|---|
| | 2011-12 | 2012-13 | 2013-14 |
| *Шумораи умумии омӯзгорон* | 448 | 461 | 456 |
| *аз ҷумла занҳо* | 361 | 364 | 361 |
| *Бо маълумоти олӣ* | 414 | 432 | 432 |
| *аз ҷумла занҳо* | 341 | 346 | 348 |
| *Миёнаи махсус* | 34 | 29 | 24 |
| *аз ҷумла занҳо* | 20 | 18 | 13 |
| *Муаллимони аз коррафта* | 40 | 35 | 42 |
| *аз ҷумла занҳо* | 32 | 30 | 32 |

Дар шаҳр сол аз сол аз кор рафтани муаллимони баландихтисос ба назар мерасад. Таи се соли охир 127 нафар (9%) муаллимони ботаҷриба муассисаҳои таълимро тарк карда ба дигар корҳои даромадноктар, муҳоҷират ва дигар корҳо рафтаанд.

*Маълумоти фарогир*. Дар шахри Хоруг ба ҳолати 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 150 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 72 нафар духтар) ба қайд гирифта шуда, аз ин 2 нафара кӯдакони синни то 3 сола, 12 нафар аз 3 то 6 сола, 64 нафар аз 7 то 18 сола мебошанд. Дар шаҳр барои кӯдакони маъюб марказҳои "Савоб" ва "Нур" фаъолият дошта, дар ин марказҳо кӯдакони маъюб ва ноқусулақл метавонанд вақти худро ба ҳаргуна машғулятҳо, бозиҳо, сайру гашт, истироҳат гузароннанд ва инчунин метавонанд табобат гиранд. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин шароити номусоди таълимӣ, аз ҷумла набудани базаи моддию техникии лозима дар муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассиссони баландихтисоси соҳа, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳои ноҳия, норасогии асбобу таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда, таваҷҷуҳи сусти аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони маъюб, норасогии воистаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ (бозичаҳои махсус барои рушди неруи зеҳнӣ, асбоҳои машқӣ ва ғайра), руйпуш гардидонидани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд аз ҷониби волидайн (бо сабабҳои шарм кардан ва ё нофаҳмӣ ва ғайра) мебошад.

Ҷиҳати ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони маъюб дар баробари кӯдакони солим дар заминаи мактаби таҳсилоти умумии №2 кушодани синфхонаҳо бо назардошти асбобу таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда барои кӯдакони маъюб ба мақсад мувофиқ аст.

Гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ ва сохторҳои дахлдор ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакони маъюб ба таҳсил ва дар ин замина муҳаё намудани шароити мусоид ва пешгирии поймолкунии ҳуқуқи кӯдакони маъюб вазифаи асосӣ соҳа дар солҳои минбаъда мебошад.

*Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ*. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳр 346 адад компютер, 49 адад принтер мавҷуд аст, ки ба ҳар 8 нафар хонандаи синфҳои аз 7 то 11 як компютер рост меояд, ки баландтарин нишондиҳандаи дар ҷумҳурӣ аст. Ба ин нигоҳ накарда қисм зиёди компютерҳо муассисаҳои таълимии шаҳр таъмирталаб мебошанд.

*Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ*. Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар аксарияти мактабҳои шаҳр ва кӯдакистонҳо аз кор баромадани системаи таъминоти об нӯшокӣ ба назар мерасад

*Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ*. Беҳтар намудани инфросохтори муассисаҳои таълимӣ ба сифати хониш мусоидат мекунад.

Аз ин ҷиҳат дар доираи Барномаи рушди шаҳр ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешавад. Вазифаи аввалиндараҷа дар панҷ соли оянда пурра аз таъмир баровардани муассисаҳои таълимӣ (аз ҷумла, №№ 1,2,7,9,11), сохтмони толорои варзишии мактабҳо ва азнавсозӣ муассисаҳои таълимӣ мебошад.

***Таълими маълумоти олӣ ва миёнаи махсус***: Муассисаҳои таълимии маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи мухталифи ҳоҷагии халқ барои шаҳри Хоруғ, бахусус ихтисоси педагогӣ нақши босазо мебозанд.

Дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ раванди таълим дар 5 бино, 8 факулта, 21 кафедра, 43 ихтисос, 126 гуруҳи таълимӣ, 5 озмоишгоҳ, 5 маркази компютерӣ, 1 маркази бақайдгирии низоми кредитии таҳсилот ва 1 маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

Шумораи донишҷуёни донишгоҳ 4087нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 2803 нафар (аз ҷумла 1512 духтар) дар шӯъбаи рӯзона ва 1284 нафар (аз ҷумла 661 духтар) дар шӯъбаи ғоибона таҳсил доранд ва ба онҳо 313 нафар устодон дарс медиҳанд ( 12 нафар докторони илм, 12 нафар профессор, 44 нафар дотсент (аз ҷумла 12 зан), 48 нафар номзадҳои илм (аз ҷумла 16 зан), 79 нафар муаллимони калон (аз ҷумла 42 зан) ва 174 нафар ассистентон (аз ҷумла 123 зан). Дар донишгоҳи мазкур сол аз сол зиёд шудани шумораи донишҷӯён ба нарасидани бинои таълимӣ, толори варзишӣ, хонаи истиқоматӣ донишҷуён ва устодон оварда истодааст. Барои бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар давоми солҳои 2015-2019 сохтмони бинои таълимӣ, озмоишгоҳҳо фаннӣ, толори варзишӣ барои 200 нафар, хонаи истиқоматӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон дар назар аст.

Донишгоҳ аз нарасидани китобҳои дарсӣ ба забони давлатӣ (аз ҳамаи фанҳои таълимӣ), компютерҳо, принтер, дастгоҳи нусхабардорӣ, хати интернетӣ, воситаҳои техникии таълимӣ ва мизу курсӣ танқисӣ мекашад.

*Мактаби маълумоти касбӣ* ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ аз моҳи октябри соли 2006 ба фаъолият оғоз карда, бо таҷҳизоти таълимии технологияи замонавӣ ва маводи таълимӣ муҷаҳҳаз шудааст. Дар мактаби мазкур ду лабораторияи компютерӣ, шаш синфхона ва китобхона (бо теъдоди 44,4 ҳазор китоб) фаъолият мекунад. Мактаб яке аз марказҳои пешрафти таълими калонсолон ва таълимоти давомдор ба шумор рафта, дар давоми фаъолияташ зиёда аз 21 ҳазор донишҷӯйро аз шаҳри Хоруғ ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тариқи барномаҳои байнисарҳадӣ бо курсҳои стандарти байналмилалӣ, барномаҳои маҳорати касбӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ,забономӯзӣ, технологияи инфарматсионӣ ва дигар касбҳо омӯзонидааст.

3.2. **Соҳаи тандурустӣ**.

Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар бахши тандурустӣ аз кам кардани сатҳи фавти кӯдакон, беҳбудии ҳифзи модарон ва мубориза ба муқобли ВКМН/НКОМ, варача ва беморихои дигари сироятӣ иборат аст. Дар ин бахш равандҳои асосии дастёбӣ ба ҳалли масъалаҳои ҲРҲ аз инҳо иборат аст:

- сохтану барқарор кардани беморхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, марказҳои саломатӣ ва бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои асосии шифобахш таъмин намудани онҳо;
- ба васоити пешгирикунадаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- зиёд кардани мунтаносибии ДОТС;
- пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;
- ташкил намудани чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон;
- ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бегичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола;
- таъмини муассисаҳои тандурустии шаҳр бо мутахассисони маълумоти олидору миёна ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии онҳо;

***Ҳолати умумӣ.*** Тандурустӣ соҳаи муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ аст. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои системаи ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд равшан сохта, чунин зерсохторҳоро фаро мегирад: миқдори дармонгоҳҳо, марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ ва дастрасии тандурустӣ, проблемаҳои системаи тандурустӣ, ҳадафҳо ва ғайра.

*Давомнокии миёнаи умр*. Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар шаҳр мебошад.

Мувофиқи арзёбиҳо, ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи тӯли умр 65-75 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 70-75 сол ва барои занон 65-70 сол. Нишондиҳандаи давомнокии умр дар қиёс ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ 7-8 сол зиёдтар аст.

*Дигар намуди бемориҳои паҳншуда*. Бемориҳои аз ҳама бештар дар байни аҳолии шаҳр паҳншуда ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14 - сола), саратон, бемории чашм, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендисит, санги талха, камхунӣ, газаки гурда, бемориҳои меъдаю рӯдаи дувоздаҳангушта, латхурӣ ва аворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин

бемориҳо дар байни аҳолӣ пеш аз ҳама саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва дигар омилҳо мебошанд.

***Саломатии модар ва кӯдак***. Саломатии аҳолӣ вазифаи муҳими шаҳр дар панҷ соли оянда буда, ҳадафи асосии он дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ аст.

***Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар (нафар)***

| *Нишондод* | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ таваллуд* | 532 | 567 | 541 | 558 |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | 511 | 556 | 523 | 546 |
| *Ба ҳисоби фоиз* (%) | 96 | 98 | 96,6 | 97,8 |
| *Таваллуд дар хона* | 21 | 11 | 18 | 12 |
| *Ба ҳисоби фоиз* (%) | 3,9 | 1,9 | 3,3 | 2,2 |
| Мурдатаваллуд | 7 | 7 | 8 | 8 |
| *Фавти модарон* (*барои* 100,0 *ҳазор зинда таваллуд*) | 0 | 0 | 0 | 0 |
| *Ба ҳисоби промилле* | | | | |

Тайи чор соли охир дар муассисаҳои тиббӣ шумораи таваллуд ба андозаи 6,8 фоиз зиёд гардида, таваллуд дар хона бошад 43,0 фоиз коҳиш ёфтааст. Соли 2013 аз шумораи умумии таваллудшудагон 98,0 фоиз дар муассисаҳои тиббӣ ва ҳамагӣ 2,0 фоиз дар хона бо кӯмаки момодояҳо тавллуд шудааст, ки ин аз беҳтар шудани шароит дар муассисаҳои тиббии шаҳр ва хизматрасони онҳо шаҳодат медиҳад.

Ба беҳтар шудани хизматрасони дар муассисаҳои тиббии шаҳр нигоҳ накарда, дар давоми солҳои охир фавти мурдатаваллуд 14,3 фоиз зиёд шудааст, ки сабаби он бемориҳои БШРН (Острая респираторная инфекция), варами шуш (пневмония), дарунрав (диарея), камхунӣ ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатӣ мебошад.

Вазифаи асоси бахши тандурустии шаҳр тайи солҳои 2015-2019 коҳиш додани нишондиҳандаи фавти модарон ва кӯдакони аз 1 то 5-сола мебошад. Бино ба арзёбии муассисаҳои тиббӣ фавти тифлони аз 1 сола то 5 сола тайи ду соли охир дар муассисаҳои тибии шаҳр ба қайд гирифта нашудааст, вале фавти кӯдакони то 1 сола (ба 1000 зиндатаваллуд) 1 промил кам шудааст.

***Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои*** 2010-2013

| *Нишондод* | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| *Фавти кӯдак то* 5 *сола* (*аз рӯи* 1000 *з/т*) | 0 | 3 | 0 | 0 |
| *Бо ҳисоби промилле* | 0 | 1,1 | 0 | 0 |
| *Фавти кӯдакони то* 1 *сола* (*аз рӯи шумора* 1000 *з/т*) | 15 | 12 | 6 | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Бо ҳисоби промилле* | 5,3 | 4,3 | 2.1 | 1,1 |

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони то 0,5 сола ва то як сола аз омилҳои зерин иборат мебошад:

1. Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани ҳолати солимии занҳои ҳомиладор.
2. Баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (ҳар чанде, ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шуда аст ва марказҳои мазкур аҳолиро ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда сари вақт пурра таъмин менамоянд), бинобар сабаби паст будани маърифатнокии тиббии модарон, шумораи бемориҳои шадиди роҳи нафас дар байни занони шаҳр афзуда истодааст.
3. Фаъолияти номусоиди муассисаҳои КАТС аз сабаби нокифоягии маблағгузорӣ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо.
4. Баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз ҷумла, камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо. Модарони ҷавон ба реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока кам аҳамият медиҳанд.

Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тиббӣ оилавӣ нақши калон мебозад.

***Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳое*, *ки аз ҳомилагӣ баромадаанд***

| *Нишондод* | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада* | 744 | 1378 | 729 | 800 |
| *Камхунӣ* (*анимия*) | 447 | 345 | 521 | 368 |
| *Бо ҳисоби фоиз* (%), | 60,0 | 25,0 | 71,5 | 46,0 |
| *Касалиҳои гирифтори ҷоғар* | 182 | 107 | 369 | 320 |
| *Бо ҳисоби фоиз* (%), | 24,0 | 7,7 | 50,6 | 40,0 |
| *Мурдатаваллуд* | 7 | 7 | 8 | 8 |

Дар тӯли чор соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда 14 банди фоизӣ коҳиш ёфта, шумораи занҳои гирифтори бемории ҷоғар бошад 16 банди фоизи зиёд шудааст, ки дар бисёр ҳолатҳо ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар ва кӯдак, мурдатавллуд). Дар равобит ба ин, коҳишёбии индекси солимии модарон тайи солҳои охир дар шаҳри Хоруғ ба назар мерасад, ки боиси нигаронист. Аз рӯи маълумотҳои расмӣ сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои

экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии онҳо мебошад.

***Бемориҳои сироятӣ***. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ самти асосии соҳаи тандурустии шаҳр мебошад. Ба ин нигоҳ накарда пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ аз сабаби кофӣ набудани воситаҳои молиявӣ ва кӯҳнаю фарсӯда шудани таҷҳизотҳои озмоишгоҳи Маркази санитарию эпидемиологии шаҳр мушкил гардидааст.

***Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ***

| **Намуди бемориҳои сироятӣ** | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|
| *Бемории сил* | 34 | 27 | 24 | 26 |
| (*ба* 100 *ҳаз.аҳолӣ*) | 12,1 | 9,5 | 8,4 | 9,2 |
| *Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо* | 18 | 23 | 31 | 8 |
| (*ба* 100 *ҳаз.аҳолӣ*) | 6,4 | 8,1 | 10,8 | 2,8 |
| *Исҳоли хунин* (*Дизентерия*) | 4 | 12 | 16 | 15 |
| (*ба* 100 *ҳаз.аҳолӣ*) | 1,4 | 4,2 | 5,6 | 5,3 |
| *Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда* | 171 | 171 | 261 | 186 |
| (*ба* 100 *ҳаз.аҳолӣ*) | 60.9 | 60,2 | 91,3 | 65,6 |
| *Гелментоз* | 1921 | 2873 | 1285 | 1040 |
| (*ба* 100 *ҳаз.аҳолӣ*) | 68,4 | 101,2 | 44,9 | 36,7 |
| *Табларза* (*малярия*) | 0 | 0 | 1 | 0 |
| *Саратон* (*дар вилоят*) | 4304 | 3500 | 3135 | 6533 |
| | | | | |
| Бемории бруселлез | 2 | 0 | 6 | 0 |
| Бемории домана | 4 | 0 | 24 | 0 |
| *Бемории ВИЧ/СПИД, аз ҷумла* | 93 | 30 | 58 | 29 |
| - *Шумораи беморон/кӯдакони то сини* 15 *сола* | 0 | 0 | 0 | 0 |
| - Шумораи беморони синни 15-24 сола | 93 | 30 | 28 | 29 |
| - *Шумораи умумии беморони ба кайд гирифта шуда дар байни занхои хомиладор/холатҳои нав* | | | | |
| *Ҳамагӣ аҳолӣ*: | 28100 | 28400 | 28600 | 28340 |

Соли 2013 дар қиёс ба соли 2010 шумораи бемориҳои гирифтори исҳоли хунин 3,9 промилле, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда 4,7 промилле зиёд шудааст. Новобаста аз он, ки аз рӯи нишондиҳандаи промилле гирифтори бемориҳои гелментоз, сил ва ВКМН/НКОМ коҳиш ёфта бошад ҳам, вале то ба ҳол шумораи гирфтори бемориҳои ин касалиҳо хело зиёд аст. Дар давоми ин солҳои аз бемории НКОМ 13 нафар фавтидааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки сабаби афзоиши бемориҳои сироятӣ ин сари вақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорасанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти рифоӣ (коммуналӣ), паст будани

маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва ба сатҳи зарурӣ набудани хизматрасонии тиббӣ мебошад.

*Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.* Дар шаҳр 6 касалхонаи марказӣ (дорои 894 кати хоб), 1 маркази саломатӣ, 3 бунгоҳи тиббӣ, 23 нуқтаи доруфурӯшии хусусӣ, 1 шуъбаи ёрии таъҷилӣ, 1 маркази солимии репродуктивӣ, 1 маркази эмтаъминкунӣ, 1 маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, 1 маркази ҳамбастагии касалиҳои кӯдакона, 1назорати санитарию эпедимологӣ фаъолият мекунанд. Дар муассисаҳои тиббӣ 263 нафар духтурони маълумоти олидор ва 608 нафар ҳамшираи шавқат ба аҳолии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят хизмат мерасонад.

***Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС***

Хизматрасонии муассисаҳои тандурустии шаҳри Хоруғ сол аз сол ба аҳолӣ беҳтар шуда, дар соли 2013 аз шумораи умумии муроҷиаткунандагон ба муассисаҳои тиббӣ 55,1 фоизи онҳо ба Маркази саломатии шаҳр барои гирифтани ёрии аввала муроҷиат карданд ва вазифаи аввалиндараҷаи он беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ беҳдошт ва сифати он мебошад. Мутаассифона, Маркази саломатии шаҳр аз набудани утоқи корӣ (13 утоқи корӣ намерасад), таҷҳизотҳо барои гузаронидани ташхис, духтури машваратчии гастроэнтеролог, лабаратория, УЗИ, физиотерапия, нақлиёт ва дигар лавозимоти тиббӣ сари вақт ба беморон хизмати шоиста расонидан наметавонад. Умуман, қисми зиёди муассисаҳои тиббии шаҳр аз набудани таҷҳизоти муосир ва мутахассисони соҳавӣ танқисӣ мекашанд, ки ин ба сифати хизматросонӣ мусоидат мекунад.

***Шумораи муроҷиаткардагонба муассисаҳои тиббӣ* (*нафар*)**

| | **Нишондиҳандаҳо** | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| | Беморхонаҳои шаҳр: | | | | |
| 1. | Беморхонаи вилоятӣ | 11650 | 11712 | 11926 | 13600 |
| 2 | Беморхонаи бемориҳои дил | 2391 | 2458 | 3586 | 3881 |
| 3. | Маркази мубориза бар зидди бемории сил | 58999 | 5898 | 2450 | 2451 |
| 4. | Беморхонаи бемориҳои чашм | 6120 | 7118 | 5600 | 6426 |
| 5. | Беморхонаи бемориҳои пӯст | 14558 | 13203 | 11256 | 14110 |
| 6. | Маркази саратоншиносӣ | 5065 | 3500 | 3271 | 4536 |
| 7. | Стансияи ёрии таъҷилӣ | 10580 | 12200 | 11800 | 8859 |
| 7. | Марказҳои саломатии шаҳр | 50328 | 51995 | 59836 | 56291 |
| | **Ҳамагӣ**: | 1559691 | 108084 | 110225 | 110154 |

Дар шаҳр ба ҳар нафар аҳолӣ 9,7 духтур рост меояд. Таҷҳизотҳои мавҷудаи муассисаҳои тандурустии шаҳр фарсӯдаю корношоям

гардидаанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ муҷҷаҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ ба таҷҳизоти муосир аз ҷумла, дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюорография, дефебрилятор, инфузор, таҷҳизоти сабти барки дил (СБД), оксигенератор, гастроскоп, кювез ва дигар таҷҳизотҳои лозима вазифаи аввалидараҷа аст.

***Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффисиент)***

| **Номгӯи нишондодҳо** | **воҳиди ченак** | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|
| Таъмини аҳолӣ бо духтурон | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 254 (9,0) | 255 (9,0) | 278 (9,9) | 263 (9,3) |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 690 (24,6) | 625 (22,1) | 618 (21.9) | 608 (21,4) |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1 кат ба 10 ҳазор аҳолӣ | 939 (3,3) | 974 (3,4) | 894 (3,2) | 894 (3,2) |

*Колеҷи тиббиӣ шаҳри Хоруғ.* Дар коллеҷи тиббӣ шӯъбаи кори ҳамширагӣ фаъолият дошта, омӯзиш аз рӯи ихтисосҳои ҳамшираи тибби оилавӣ, ҳамшираи тиббии ҳамагон ва момодоя ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2013 шумораи умумии донишҷӯён 460 нафарро (аз ҷумла, 400 нафар духтар) ташкил дода, ба онҳо 35 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд, ки ҳамаи онҳо маълумоти олӣ дорад.

Дар соли хониши 2013-2014 коллеҷи тиббиро 150 нафар донишҷӯ хатм намудааст, ки аз ин 140 нафарашон духтарони маҳаллӣ мебошанд.

## 3.3. **Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**<u>Ҳолати кунунии соҳа.</u>** Соҳаи иҷтимоии шаҳри Хоруғ аз системаи суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

*<u>Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.</u>* Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии шаҳр нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

***Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои* 2010-2014**

| *Гурӯҳҳоиосебпазир* | *Солҳо* | | | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2010 *бо* % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014(*то* 1.08.14) | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Нафақахӯрон аз рӯи синну сол* | 2009 | 1997 | 2002 | 2097 | 2083 | 103,6 |
| *Маъюбон,*<br>*аз ҷумла,* | 1060 | 1105 | 1036 | 1108 | 1108 | 104,5 |
| *- маъюбони модарзод* | 300 | 318 | 294 | 314 | 314 | 104,6 |
| *Бесаробонмондагон* | 392 | 358 | 309 | 333 | 334 | 85,2 |
| *Ятими кул* | 18 | 18 | 22 | 24 | 23 | 127,7 |
| *Ҳамагӣ нафақахӯрон* | 3479 | 3178 | 3369 | 3562 | 3548 | 101,9 |
| *Оилаҳоикамбизоат, киҷубронпулии пардохти истифодаи қувваи барқ мегиранд.* | 950 | 523 | 447 | 925 | 699 | 73,5 |

Дар шаҳр аз шумораи умумии нафакахурон 58,7 фоиз нафакахурони аз рӯи синну сол, 31,2 фоиз маъюбон, 8,8 фоиз маъюбони модарзод, 9,4 фоиз бесарбонмондагон 0,6 фоизро ятимони кулл ташкил медиҳад.

Тайи чор соли охир маъюбони модарзод ба ҳисоби миёна 4,6 фоиз зиёд шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таваллуд шудани маъюбони модарзод дар бисёр маврид аз ҳисоби истифодаи маводи муқадир, истемоли маҳсулотҳои ба стандарт ҷавогӯй набуда, нарасидани ғизоҳои аслӣ ва дигар омилҳо мебошад. Барои ин тайи солҳои 2015-2016 корҳои таблиғотиро байни аҳолии ноҳия ба роҳ монда, ба саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус додан лозим аст. Барои ҳалли масъалаи ҷойдошта дар заминаи обҳои гарм ва шифобахши мавзеҳои Ҷелондех, Авҷ, Гармчашма, Биби Фотима Зуҳро ташкил намудани истироҳатгоҳи табобатӣ барои маъюбон ба мақсад мувофиқ аст.

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳр мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстонаро тақозо доранд. Дар шаҳр зиёда 184 нафар маъюбон ба воситаҳои ёрирасон эҳтиёҷ доранд (аз ҷумла, 12 нафар маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба воситаҳои ҳаракаткунанда (курсӣ –аробачаҳои маъюбӣ), 47 нафар ба асобағал, 87 нафар ба асои оддӣ, 38 нафар бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва айнакҳои махсус, асбобҳои шунавоӣ). Инчунин, дар ҳудуди шаҳр зиёда аз 30 нафари маъюбони мубталои шаклҳои гуногуни фалаҷ (аз ҷумла, фалаҷи дастҳо, пойҳо, мағзи сар) ба қайд гирифта шудааст, ки барои онҳо воситаҳои ҳаракаткунанда махсус лозим аст.

Барои фарогирии бештари кӯдакони дорои маълулият (бахусус фалаҷи мағзи сар) дар шаҳр Маркази "Нур" фаъолият менамояд, ки барои онҳо бозиҳои гуногуни шавқовар, суҳбатҳо ва машқҳои махсус омода мекунад.

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии шаҳр мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстона ва соҳибкорни маҳаллӣ тақозо доранд (аз ҷумла, фиристонидани маъюбони модарзод ба Маркази миллии тавонбахши барои кӯдакон ва наврасон "Чорбоғ"-и ноҳияи Варзоб, дастрас намудани доруворӣ, ройгон табобат намудани нафакахурони маъюб).

*Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.* Дар шаҳри Хоруғ шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона фаъолият дошта, хадамоти суроғавиро

барои нафақахурони якаву танҳо (61 нафар дар як рӯз ду соат) ба анҷом мерасонад (шумораи умуми кормандони шуъба 9 нафар зан мебошад, ки аз ин 6 нафар дорои маълумоти олӣ ва 3 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус).

**Шумораи нафақахӯрони яккаву танҳо дар соли** 2014

| Нишондиҳандаҳо | Шумора (нафар) | Маблағ (сомонӣ дар як моҳ) |
|---|---|---|
| **Ҳамагӣ нафақахӯрон** | 3548 | |
| 1. **Нафақахӯрони иҷтимоӣ** | 61 | 14432,4 |
| Аз руи синну сол | 35 | |
| Аз руи маъюби умумӣ | 21 | |
| аз ҷумла, маъюбони аз кӯдаки аз 18 сола боло | 19 | |
| маъюбони аз овони кӯдаки то 18 сола | 2 | |
| Аз рӯи бесаробонӣ | 5 | |
| 2.**Талаботи моҳонаи нафақа (ба** 31. 12.2013) | (сомонӣ) | 236,4 |

Тибқи оинномаи марказ ба як корманди хизматрасон дар шаҳр аз 8 то 12 нафақахӯр вобаста карда шудааст, ки хизматрасонӣ ба нафақахӯрон як рӯз пас анҷом дода мешавад. Ба як нафақахӯр дар як рӯз ду соат хизмат расонида мешавад, ки ин имконнопазир аст, зеро дар қайди марказ нафақахӯрони яккаву танҳои бистарӣ ва маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 низ мавҷуданд, ки онҳо низ ба кӯмаки иҷтимоӣ ва нигоҳубин идоимӣ мӯҳтоҷ мебошанд. Илова бар ин, маҳдуд будани воҳидҳои корӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам зиёдтар мегардонад.

**Шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат.** Дар шаҳр Шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият дорад, ки дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро ташкил намуда, таҳлили ҳолат ваояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолии шаҳр бо ҷои кори доимӣ тайи солҳои 2015-2019 бо назардошти ба кордарории иқтидорҳои маҳаллӣ зиёда аз 5400 ҷои нави корӣ таъсис дода мешавад.

**Сохтори соҳавии шуғл дар шаҳр**

| Соҳаҳо | Шумораи кормандон (нафар) | Фоиз |
|---|---|---|
| Соҳаи истеҳсолӣ | 123 | 1,2 |
| Соҳаи тиҷорат ва хӯроки умумӣ | 1865 | 18,2 |
| Соҳаи иҷтимоӣ | 2465 | 24,1 |
| Соҳаи кишоварзӣ | 756 | 7,4 |
| Дигар соҳаҳо | 5014 | 49,1 |
| Ҳамагӣ | 10223 | 100 |

Вазифаи асосӣ дар доираи Барнома то соли 2019 дар ҳабастагӣ бо ташкилоту муассисаҳои дар шаҳр фаъолиятдошта ба кор даровардании иқтидорҳои мавҷуда ҷиҳати таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва ба иттидол овардани бозори меҳнат мебошад.

***Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шугли аҳолии шаҳри Хоруг барои солҳои*** 2010-2013

| *Номгӯичорабиниҳо* | *Солҳо* | | | | | | | | *Соли* 2013 *нисбат ба соли* 2010 *бо* % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2011 | | 2012 | | 2013 | | |
| | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | *Нақша* | *Иҷроиш* | |
| *Таъсиси ҷойҳои нави корӣ* | 1760 | 1755 | 1800 | 11791 | 1420 | 1434 | 1817 | 1820 | 103 |
| *Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ* | 608 | 523 | 610 | 617 | 582 | 582 | 800 | 800 | 131 |
| *Касбомузӣ* | 100 | 100 | 120 | 145 | 160 | 180 | 240 | 300 | 300 |
| *Корҳои ҷамъиятии музднок* | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | 100 |

Барои аз худ намудани касб пайваста курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар марказҳои таълимӣ гузаронида мешавад (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергарии газу барқ, компютерӣ, зардӯзӣ, муҳосиб, қаннодӣ, сохтмончӣ, деворгарӣ, дуредгарӣ) ва дар давоми солҳои 2015-2019 низ курсҳои кӯтоҳмуддти касбомӯзӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат бо маблағгузории ташкилотҳои дохилию хориҷӣ идома дода мешавад.

Хароҷоти буҷети шаҳри Хоруғ барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа, ҳаҷми хароҷотҳои алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

Буҷети шаҳр хусусияти иҷтимоӣ дошта 78,1 фоизи он ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ равон мешавад (аз ҷумла, ба соҳаҳои маориф 68,8 фоиз, тандурустӣ 1,5 фоиз, фарҳанг 6,4 фоиз ва соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ҳамагӣ 1,2 фоиз). Маблағи ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои пардохти ҷуброни мактаббачаҳо (аз оилаҳои камбизоат), кӯмаки якваќта барои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Чернобел зарар дидаанд, ҳавасмандгардониҳо дар вақтҳои ҷашн ва идҳо барои собиқадорони меҳнат, маъюбони модарзод равона карда мешавад.

*Музди меҳнат*. Музди меҳнат тайи солҳои охир ба андозае зиёд шуда бошад ҳам, вале табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо,

сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёт ва саноат ба назар мерасад.

***Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои*** 2010 -2013

| *Соҳаҳо* | *Солҳо* | | | | *Соли* 2013 *дар муқоисабо соли* 2010 *бо*% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | |
| *Саноат* | 557,6 | 306 | 266 | 360,6 | 64,6 |
| *Сохтмон* | 460,5 | 500,6 | 647,9 | 672,9 | 146,1 |
| *Молия ва қарз* | 930,0 | 953,7 | 1095,5 | 1134,9 | 122 |
| *Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ* : | | | | | |
| *Тандурустӣ* | 363,3 | 327,6 | 430,1 | 577,1 | 159 |
| *Ҷавонон ва фарҳанг* | 267,3 | 301,5 | 415,7 | 524,3 | 196 |
| *Маориф* | 303,1 | 333,2 | 444,2 | 636,5 | 210 |
| *Ҳамагӣ дар шаҳр* (*ба ҳисобимиёна*) | 345,1 | 368,1 | 476,5 | 621,6 | 180 |

*Сатҳи бекорӣ*. Ҳадафи стратегии Барномаи рушди шаҳр дар давоми солҳои 2015-2019 ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф байни солҳои 2015-2019 ба кор даровардани иқтидорҳои нав дар назар дошта шудааст.

Дар шаҳр бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонанишин мебошанд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 77,0 фоиз онҳо дар ташкилоту корхонаҳо ба кор машғулбуда, 5.2 фоиз бекорони расман ба қайдгирифта ташкил медиҳад.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ ва таъсис додани ҷои нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола ба бекорон қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2010 -2013 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд 365 нафарро ташкил додааст, ки ба онҳо 655,7 ҳазор сомонӣ маблағ дода шудааст. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 1 нафар ба маблағи 1,8 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад. Дар солҳои оянда низ қарзҳои бефоиз барои эҳтиёҷмандон пешбинӣ шудааст.

Дар шаҳр иқтидорҳои калони истеҳсолии истифоданашуда ва захираҳои меҳнатии зиёд мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи бекорӣ ҳалли худро пайдо мекунад. Бо иқтидори лоиҳавӣ ба фаъолият даровардани корхонаҳои мавҷуда ва бунёд намудани корхонаҳои нав дар давоми солҳои 2015-2019 (сехи истеҳсолии пенаполистрол,таҷдиди корхонаи ҳасиббарории “Панҷ”, корхонаи дӯзандагии шаҳр, сохтмонҳои нав ва дигарҳо) зиёда аз 3500 нафар ба кори доимӣ таъмин мегарданд.

*Муҳоҷирати меҳнатӣ*. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии шаҳр

мебошад. Аз рӯи ҳисоботи тақрибӣ соли 2014 шумораи умумии муҳоҷирон 2343 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин 20,7 фоизи аҳолии қобили меҳнат ва 8,3 фоизи шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолии сол аз сол зиёд шуда, бештари онҳо ҷавонони аз синни 18 то 29 сола (мард ва зан) мебошанд. Аз ҷумла соли 2014 дар қиёс ба соли 2010 муҳоҷират ба хориҷи кишвар 25,0 фоиз кам шудааст, ки ин ҳам таъсири мусбӣ ва манфӣ ба иқтисодиёти шаҳр мерасонад. Соли 2013 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳо 40,8 млн. долари ИМА ворид гаштааст, ки дар ҳолати самаранок истифода намудани маблағи воридгардида метавонад ба иқтисодиёти шаҳр мусоидат намояд. Барои самаранок истифода намудани маблағ пеш аз ҳама шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ташкил намудан лозим аст.

Бо мақсади ба танзим даровардани муҳоҷирати дохилию берунӣ дар панҷ соли минбаъда чунин тадбирҳоро амалӣ намудан лозим аст:

- фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ ва ҷамъшаванда;
- пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта;
- ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ рафтан доранд;
- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷир;
- додани қарзҳои имтиёзнок ба оилаҳое, ки сарвари онҳо дар муҳоҷирати бурунмарзӣ мебошанд (қарзҳои бефоизи иҷтимоӣ);
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии кишварҳои корқабулкунанда;

Масъалаи дигаре, ки дар доираи Барномаи рушди шаҳр тайи солҳои 2015-2019 мавриди ҳал қарор мегирад, ин ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад.



*Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.* Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои будубоши доимӣ фиристодани онҳо мебошад. Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб "Шӯрои ҷамъиятии шаҳри Хоруғ оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон" фаъолият менамояд, ки дорои низомномаи алоҳида мебошад (17 нафар аъзо аз сохторҳои гуногун, аз ҷумла Комиссияи ҳуқуқи кӯдак, маориф,

тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, корҳои дохилӣ, ассотсиятсияҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ). Ҳар се моҳа 1 маротиба ҷаласа марбут ба масъалаҳои кӯдакони маълулиятдошта дар Шӯро гузаронида мешавад.

Шумораи умумии кӯдакони осебпазир аз рӯи гуруҳҳо дар тӯли солҳои 2010-2013

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
| Шумораи бепарасторон | 572 | 566 | 563 | 636 |
| Кӯдакони маъюб (то 18 сола) | 116 | 135 | 149 | 132 |
| Шумораи кӯдакони ба васоят ва парасторӣ додашуда, аз ҷумла: | 17 | 16 | 17 | 10 |
| Шумораи кӯдакони ба фарзандхонӣ қабулшуда, аз ҷумла: | - | 7 | 5 | 7 |

Бо иштироки кӯдакони маъюб озмунҳои шеърхонӣ, расмкашӣ, намоиши саҳначаҳои ҳаҷвӣ ва дигар намоишҳо гузаронида шуда, маҳсули меҳнати онҳо ба намоишҳо нишон дода мешавад. Инчунин бо дастгирии волидайн ва мусоидати Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи шаҳр Ассотсиатсияи волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд (КИМ) ташкил карда шуда, тавассути телевизиони Бадахшон мунтазам барномаи «Кӯдакони имконияташон маҳдуд» пахш мегардад.

***Адлияи ноболигон***. Дар давоми солҳои 2015-2019 ҷиҳати пешгирӣ намудани қонунвайронкунии ноболоғон тавассути Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор чорабиниҳои зарурӣ андешида мешавад.

Дар заминаи «Барномаи кор бо ноболиғон» барои солҳои 2010-2015 дар 14 мактаби шаҳр пайваста семинар-машваратҳо дар мавзӯъҳои «Беҳтарин фаҳмиш дар бораи маъюбият» ва «Кӯдакон дар мухолифат бо қонун» гузаронида мешавад. Амалиётҳои фаврӣ ва дигар тадбирҳо бобати пешгирии камбудиҳои ҳамагуна ҷинояткорӣ байни ноболиғон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон ва ба таълиму тарбия ҷалб намудани онҳо андешидани тадбирҳои мушаххас дар назар аст.

Дар ин самт, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо маркази таҳсилоти иловагӣ ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар асоси қарори Комиссияи ҳуқуқи кӯдак ҳамасола ноболиғон барои пешгирӣ аз корҳои номатлуб ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кӯдакон ва наврасон ҳамасола дар барномаҳои телевизионии «Ҳамсол» ва «Роҳнамо» озмуни

хонандаи беҳтарин доир мегардад. Инчунин, бо ҳамкорӣ бо шуъбаҳои Раёсати корҳои дохилӣ ва маорифи шаҳр бо хонандагони мактабҳо дар мавзӯҳои “Қонун ва ҷазо”, “Кӯдакон - ҳамқадами замон” ва дигар масъалаҳо суҳбату вохӯриҳо гузаронида мешавад.

Ба роҳ мондани баргузории чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ ҷиҳати пайдо намудани маълумот оид ба раванди татбиқи барномаҳои марбут ба ҳуқуқӣ кӯдакон, ноболиғон ва маъюбон бо ҷалби аҳли ҷомеа мақсади асосии соҳа аст.

Новобаста аз ин, дар давоми солҳои 2015-2019 зиёд намудани баргузории чорабиниҳои тарғиботию ташфиқотӣ дар байни аҳолӣ ҷиҳати пайдо намудани маълумот оид ба раванди ислоҳоти соҳа, татбиқи барномаҳои соҳавӣ, ҷалби аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилотҳои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ ва писохологӣ доштаи марбут ба адлияи ноболғон хеле муҳим мебошад.

## 3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

*Таҳлили вазъи кунунӣ*. Дар шаҳри Хоруғ 1 осорхона, 5 китобхона, 4 маркази фарҳангӣ, 1 хонаи фарҳангӣ, 1 клуби маҳаллӣ, 1театри мусиқӣ – мазҳакавӣ, 1 мактаби мусиқии бачагона, 1 мактаби бачагонаи рассомӣ, 1 осорхонаи ҳунармандон, 1 мактаби санъати ба номи «Ноёбшоев Қурбон» , боғи фарҳангӣ ва истироҳатӣ, боғи ботаникӣ, боғи ғалаба, ансамблҳои тарона ва рақсии Гулдаста ва ансамбли фалак фаъолият мекунанд. Дар муассисаҳои фарҳангӣ 69 нафар корманд кор мекунад (14 нафар мар два 55 нафар зан), ки аз ин 27 нафар дорои маълумоти олӣ, 35 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 7 нафар миёнаи дорад.

Барои омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа дар шаҳр мактаби санъати ба номи «Ноёбшоев Қурбон», мактабҳои мусиқӣ ва рассомии бачагонаи шаҳри Хоруғ фаъолият менамояд, ки ҳар кадоби онҳо дорои 5 шуъба (созҳои халқӣ, рақс, драма, рассомӣ, фортепианно, асбобҳои халқӣ, санъати тасвирӣ, гитаранавозӣ ва дигар намуди ҳунарҳо) бо шумораи 202 нафар хонанда иборат буда, 25 нафар устодон ба таълиму тарбияи наврасон машғул мебошанд (аз ин шумора 19 нафар дорои маълумоти олӣ ва 6 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус). Дар назди хонаҳои фарҳангӣ ва мактаби санъат маҳфилҳои рақс, расмкашӣ, хониши бадеӣ, асбобҳои зарбӣ ва сарояндагӣ амал мекунад. Инчунин,

Дар ҳудуди шаҳр *Театри мусиқӣ ва мазҳакавии ба номи* «*М. Назаров*» фаъолият дорад. Ин муассиса фаъолияти худро аз соли 1936 оғоз намудааст (барои 400 нафар ва шумораи коргарон 45 нафар, аз ҷумла 25 нафар кормандони эҷодӣ (17 нафар мард ва 8 нафар зан). Дар ҳоли ҳозир театри мазкур ба талабот имрӯза ҷавогӯй нест ва аз ин нуқтаи назар бунёди театри замонавӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар доираи Барномаи рушди шаҳр давоми солҳои 2015-2019 бунёди театри замонавӣ дар маҳаллаи Тирчид тақрибан ба маблағи 12,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Фонди умумии китобҳои китобхонаи марказӣ бо назардошти филиалҳои он 110665 нусхаро ташкил медиҳад, ки аз ин 89657 нусха бо забони тоҷикӣ ва 20996 нусха бо забони русӣ мебошад. Дар китобхонаҳо воситаҳои техникии ҳозирзамон, аз ҷумлаи компютер, сканер ва принтер намерасад.

Бинои ансамбли «Гулдаста», мактаби санъат ва китобхона дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмиру барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд. Мушкилиҳое, ки дар соҳаи фарҳанг ба назар мерасад ин; норасогии асбобҳои миллӣ, асбобҳои нафасӣ, баландгӯяк, курсиҳои нишаст, набудани адабиётҳои нав, рафҳои китобмонӣ, мизу курсиҳо дар филиали китобхонаи №2, нақлиёт ва дигар лавозимоти лозимӣ мебошанд.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**Соҳаи сайёҳӣ**. Мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, табиати зебои шаҳр, ёдгориҳои таърихию чашмаҳои мусаффо ва шифобахши дар ҳудуди ноҳияҳои вилоят мавҷудбуда, Боғи набототи Помир, кӯли Сарез ва кӯҳҳои сарбафалак, қуллаҳои осмонбӯс омили асосии дар рушди минбаъдаи шаҳр буда, ҳамчун як минтақаи ҷолиби диққати сайёҳӣ мусоидат мекунанд (бахусус дар самти туризми куҳнавардӣ).

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа 1 адад хатсайр ташкил гардидааст, ки ҳама сола аз он тамоми сайёҳон истифода мебаранд.

Инкишофи соҳаи варзишӣ-кӯҳнавардӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони шаҳр яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти шароити кунунӣ ва талаботи сайёҳон ба инфрасохтори аввалиндараҷа дар маркази шаҳр майдонҳои истироҳатӣ, тарабхонаҳо, осорхона, комплексҳои варзишӣ, 9 меҳмонхонаи замонавӣ бо тамоми шароитҳои лозима сохта ба истифода дода шудааст, ки дар як шабонарӯз метавонанд то 150 нафар сайёҳони дохилию хориҷиро қабул намоянд. Илова бар ин, барои боз ҳам беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳа ва қабули бештари меҳмонон ва ё заминаи мусоид фароҳам овардан барои рақобати солим дар ин самт боз то соли 2019 сохтмони 2 меҳмонхонаи дигари нави замонавӣ дар назар дошта шудааст.

Дар назар аст, ки тайи солҳои 2015-2019 аз ҳисоби беҳтар шудани инфросохтор дар мавзеъҳо туристӣ шумораи сайёҳон 6 маротиба зиёд мешавад. Дар натиҷаи рушди соҳаи сайёҳӣ сатҳи бекорӣ дар шаҳр кам гардина, буҷети маҳаллӣ ғанӣ хоҳад шуд. Барои ин тамоми имконият дар шаҳр мавҷуд аст, то ки соҳаи сайёҳӣ инкишоф дода шавад.

Шумораи умумии сайёҳоне, ки аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии шаҳри Хоруғ ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дидан менамоянд сол то сол зиёд гардида истодааст, ки ин таваҷҷуҳи ба худ хосро талаб менамояд. Ҳамчун мавзеи сайёҳӣ дар ҳудуди шаҳр Боғи

ботаникӣ мавҷуд мебошад, ки барои ҷалбӣ сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

*Боғи набототи ботаникии Помир ба номи* “*А.В. Гурский*”. Боғи набототи Помир дар баландии 2320 м аз сатҳи баҳр дар мавзеи якҷошавии дарёҳои Ғунду Шохдара ҷой гирифтааст. Боғи наботот дорои 624 га майдон (аз ҷумла зиёда аз 100 га ҳудуди обёришаванда) буда, дар он зиёда аз 4000 намуди растаниҳои гуногуни алафӣ, доругӣ, мевадиҳанда, дарахтони ороишӣ, буттагӣ, сӯзанбаргон парвариш карда мешаванд. Маҷмӯи растаниҳои Боғ аз рӯи принсипи ҷуғрофӣ тартиб дода шудааст. Дар он растаниҳои Осиёи Миёна, Осиёи Шарқӣ, Ҳимолои ва Ҳиндукуш, Аврупо, Қриму Кавказ ва Америкаи Шимолӣ мавҷуданд.



Боғи набототи Помир на фақат муассисаи илмӣ, балки маркази илмӣ-маърифатӣ ҳам мебошад ва ҳар сол садҳо саёҳонро аз гушаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва хориҷа қабул менамояд.

Дар ҳудуди Боғи наботот осорхонаи “Табиати Помир” ташкил дода шудааст. Дар он зиёда аз 800 нигора гирд оварда шудаанд, ки шароитҳои табии Помир, намоядагони асосии олами набототу ҳайвоноти онро шарҳ медиҳанд.

Аз сабаби набудани об растаниҳои нодирӣ Боғ сол то сол хушк шуда истодаанд. Барои обёрӣ кардани 100 га майдони обёришавандаи Боғ бунёди хати қубури обгузари 30 мм аз рӯди Тусиёдара то ҳудуди он зарур аст (ба масофаи 13 км). Инчунин гирду атрофи Боғро бо панҷараи оҳанин мустаҳкам кардан лозим аст. Дар заминаи майдони Боғ бунёди гармхона барои парвариши сабзаводи барвақтӣ ба мақсад мувофиқ аст.

*Осорхонаи таърихӣ.* Дар Осорхони кишваршиносии шаҳри Хоруғ ёдгориҳои таърихиву сарватҳои табиӣ, муваффақиятҳои ба даст овардаи меҳнаткашон дар солҳои собиқ Ҳокимияти Шӯравӣ, корнамоиҳои ватандӯстона дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузошта шудаанд.



Дар Осорхона 7910 адад нигора мавҷуд аст, ки аз ин 6933 адади он ба фонди асосӣ ва 945 адад ба фонди ёрирасон дохил мешаванд.

**Варзиш**. Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар шаҳр бунёди иншоотҳои варзишӣ дар давоми солҳои 2015-2016 пешбини шудааст (маҷмуаи варзиши барои 1700 ҷойи нишаст, майдончаҳои футбол, волийбол, баскетбол).



Дар ҳоли ҳозир 21 майдони варзишӣ мавҷуд аст, ки аз ин 3 майдони варзишӣ (1 майдони маркази барои 6 ҳазор ҷойи нишаст) ва 18 майдончаи хурди футбол,

волейбол, баскетбол мебошад (дар ин иншоотҳои варзишӣ 3500 нафар ба варзиш машғуланд). Дар шаҳри Хоруғ 1 мактаби варзишӣ аз рӯи 8 намуди варзиш фаъолият мекунад, ки дар онҳо 20 мураббӣ ба таълиму тарбияи варзишгарони наврасу ҷавон машғуланд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

**Таъминот бо оби нушокӣ.** Дар шаҳри Хоруғ 63 фоизи аҳолӣ аз оби нушокӣ таъмин буда, 37 фоизи дигар ба оби тозаи ошомидани дастрасӣ надоранд. Барои қисми зиёди аҳолии шаҳри Хоруғ таъминоти оби нушокӣ ба воситаи насосҳо яъне чоҳҳои зеризамини ба роҳ монда шудааст. Дарозии умумии қубурҳои шаҳр 58 км мебошад.Барои аз оби нушоки таъмин намудани истеъмолкунандагон корхона аз манбаҳои обтаъминкунӣ аз ҷумла обҳои зеризамини,чашмаи табиӣ Хуфак ва манбаи обтаъминкуни Сиёб, ки аз панҷ чашмаи табиӣ сарчашма мегирад ба роҳ монда шудааст.

Корхонаи обтаъминкунии шахр аз сабаби сол аз сол кам шудани оби чашмаҳои табиӣ ва зиёд шудани талабот ба оби нӯшокӣ дар шахр аз манбаҳои алтернативӣ истифода мебарад. Яке аз чунин манбаъҳо ин тавассути насосҳои обкаши зеризаминӣ дастрас намудани оби нӯшокӣ мебошад, ки дар ҳоли ҳозир корхона тавассути 9 адад насоси обкаш таъминоти обро ба роҳ мондааст.

**Таъминоти аҳолии шаҳри Хоруғ бо оби нӯшокӣ.**

| Маҳаллаҳо | Аҳолӣ (нафар) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | Бо фоиз (%) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд | Бо фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| М.Назаршоев | 2530 | 655 | 26 | 1875 | 74 |
| С.Абдуллоев | 6242 | 5398 | 86 | 844 | 14 |
| В.Гулмамад | 6602 | 1392 | 21 | 5210 | 79 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| А.Ҷоми | 6220 | 4594 | 74 | 1626 | 26 |
| Н.Хусрав | 6606 | 5700 | 86 | 906 | 14 |
| **Ҳамаги**: | 28 | 17739 | 63 | 10461 | 37 |

Манбаъҳои об муҳофизати санитарӣ, ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор доранд. Сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда мешаванд ва ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар шаҳр истифодабарии об аз 1821 нукта ба роҳ монда шуда, аз ин 118 нуктаи умумӣ, 653 нукта дар ҳавлӣ ва 1050 нукта дар биноҳои баландошёна мебошад.

Хати обгузари соҳили рости дарёи Ғунд дар солҳои 50-уми асри гузашта сохта шуда дар давоми ин солҳо ягон маротиба таъмир карда нашудааст. Аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода шудан фарсӯдаю корношоям гардида, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад. Қисмати дигари хатҳои обгузар, ки дар солҳои 70- ум хобонда шуданд низ таъмирталабанд ва дар ҳоли ҳозир тамоми воситаҳои обтақсимкунии хатти обгузари шаҳр кӯҳна шуда ба барқарорсозӣ ва таъмири асосӣ ниёз доранд. Зеро бо андак зиёд шудани фишори об қубурҳои хатҳои обгузари шаҳр тоб оварда наметавонад ва дар бисёр ҳолатҳо аз кор баромада таъминоти об дар маҳалаҳо мушкил мегардад. Системаи обанборҳо ва хатҳои обгузарӣ шаҳри Хоруғ дар давоми солҳои 50-70 асри гузашта сохта шуда танҳо барои 17000 нафар аҳолӣ пешбини шудааст. Аммо имрӯз, ки аҳолии он қариб ба 30000 нафар расидааст, барои таъмини шаҳрвандон ба зисту зиндагонии шоиста системаи обанбор ва хатҳои обгузарӣ монеа эҷод мекунад. Илова ба ин, қубурҳои обгузар бо гузашти солҳо фарсӯда шуда, пайваста дар маҳаллаи шаҳр ба садама дучор меоянд, ки ин ба реҷаи таъминоти об халал мерасонад. Муҳлати истифодабарии қубурҳои обу ташноб тамом шуда, дар ҳоли ҳозир дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

**Ташноб ва санитария.**

Дарозии умумии қубурҳои ташноб 15 км мебошад.

| Номи шаҳр | Аҳоли (нафар) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | Бо фоиз | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд | Бо фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳри Хоруғ | 28340 | 8500 | 30 | 19700 | 70 |

Стансияҳои ташноб ва воситаҳои тозакунандаи ташноб дар ҳолати ногувор қарор доранд.Талаботи имрӯзаи тозакунии ташноб дар як шабонарӯз 4600 $м^3$ ташкил медиҳад, ҳол он ки тавонои лоиҳавии ташноб 2200 $м^3$ мебошад. Мувофиқи лоиҳа ба ғайр аз чор насоси кории

канализатсионӣ корхона бояд иловатан 1 насоси садамавӣ дар захираи корхона мавҷуд бошад, мутаасифона корхона чунин захираро надорад.

Қубурҳои ташноб дар давоми солҳои 60-70 асри гузашта сохта шудааст ва сабаби солҳои тӯлонӣ истифода шудан фарӯдаю корношоям гардидаанд. Дар натиҷаи васеъ шудани шаҳр нуктаҳои канализатсиони низ зиёд шуда, дар ҳоли ҳозир системаи қубурҳои канализатсиони қобилияти гузаронидани оби канализатсияро надоранд (зеро иншооти обтозакуни шаҳр дар вақташ барои комбинати гушту шир сохта шуда буд). Иқтидори иншоотҳои обтозакуни дар як шабонарӯз 600м$^3$- ро ташкил медод ва баъдан стансияҳои канализатсиони касалхона ва автостансия низ ба он пайваст карда шуд. Дар айни ҳол иншооти обтозакуни шаҳр аз меъёри лоиҳавӣ қариб се баробар зиёд оби канализатсиониро қабул мекунад, ки ин дар оянда ба садама оварда мерасонад. Бинобар ин вобаста ба таълаботи кунунӣ зарурияти васеъ намудани иншооти обтозакунии шаҳр ба миён омадааст. Дар ҳолати барқарор накардани шабакаи корезии шаҳр (канализатсияи) сохтмони биноҳои баландошёна ба нақшагирифташуда дар давоми солҳои 2015-2019 ғайриимкон аст.

**Хоҷагии манзилию коммуналӣ**. Шароити ҷойгиршавии шаҳр барои ташкил намудани иншоотҳои сайёҳӣ, хатсайрҳо мусоид аст, вале набудани хизматрасони рифоии замонавӣ ба ин мусоидат мекунад. Дар шаҳри Хоруғ хизматрасонии рифоиро КДФ "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", ки ба корхонаи КВД "ХМК" ҷумҳурӣ мансуб аст, иҷро мекунад. Дар тавозуни муассисаи мазкур ҳамагӣ 1 автомашинаи тамғаи ЗИЛ (барои обкашӣ) , 1 автомашинаи обпошаки тағмаи КАМАЗ, 1 трактори тамғаи МТЗ, 2 автомашинаи АСН, 1 экскоматор ва 27 қутти партовҷамъкунӣ (20 адад да кӯчаҳо) мавҷуд мебошад.

Корхона дар ҳоли ҳозир 1720 хоҷагии хонагӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст, ки аз ин 5460 нафар ба хонаҳои баландошёна ва 1420 нафар ба хонаҳои ҳавлигӣ, 25 ташкилоти худмаблағгузор ва 67 ташкилоту муассисаи буҷетӣ мансуб мебошанд.

Фаъолияти корхонаи мазкур асосан ба тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва баровардани партовҳо (партовҳои моеъ ва сахти маишӣ) равона шудааст (90 коргар, ки 36 нафар зан ) машғул мебошанд.

Партовгоҳи моеъ ва сахти маишӣ аз маркази шаҳр дар масофаи 15 км дур ҷойгир мебошад (дар ҳудуди 2 га замин) ва дар ҳоли ҳозир барои партовгоҳи нав қитъаи замин ҷудо карда шуда, барасмиятдарории он идома дорад.

Ҳаҷми миёнаи солонаи ПСМ амалан баровардашаванда ба як нафар аҳолии шаҳр 1 м$^3$-ро ташкил медиҳад. Меъёри ҷамъшавии партовҳо ба ҳар як оила 4 м$^3$ рост меояд. Дар як шабонарӯз 0,012 м$^3$ партовҳо кашонида мешаванд.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар шаҳр ба ҳисоби миёна ҳар сол 16833 ҳазор м$^3$-ро ташкил медиҳад.

**Ҳаҷми умумии партовҳо (м$^3$)**

| | 2012 | | | | 2013 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | |
| | | Инфра сохтор | Аҳолӣ | Корхонаҳо | | Инфра сохтор | корхонаҳо | Аҳолӣ |
| ш. Хоруғ | 15561 | 2500 | 4879 | 8480 | 17117 | 2820 | 9480 | 4877 |

Дар давоми солҳои 2015-2019 барои коркард намудани партовҳо бунёди корхонаи нав дар назар дошта шудааст (дар доираи Барномаи ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳри Хоруғ», арзиши умумии Лоиҳаи мазкур 4,0 млн. доллари ИМА ташкил дода, аз он 2,4 млн. доллари ИМА қарзи бонкӣ, 1,6 млн. доллари ИМА ҳамчун грант барои таҳия ва амалисозии лоиҳа). Айни ҳол аз ҷониби машваратчиёни (консултатнҳои) Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд корҳои асоснокии техникии лоиҳа дар шаҳри Хоруғ ба роҳ монда шудааст.

Илова ба ин, ҳангоми татбиқи лоиҳа дар назар дошта шудааст, ки тамоми нуктаҳои ахлотпарто азнавсозӣ карда шуда, бо контейнерҳо таъмин карда мешаванд. Инчунин таъмин намудани корхона бо техникаи махсуси ахлотҷамъкунӣ мувофиқи лоиҳа пешбинӣ карда шудааст.

## 4.2. **Нақлиёт ва роҳҳо**

Роҳи мошингард воситаи асосии ҳамлу нақли бору маҳсулот ва мусофиркашонӣ буда, тавассути он рушди робитаҳои дохилию берунии иқтисодии шаҳр амалӣ мегарданд. Робитаи шаҳр бо пойтахти ҷумҳурӣ тавассути шоҳроҳи Хоруғ-Рушон-Ванҷ-Дарвоз-Душанбе ба воситаи ағбаи Хобу Рубот ва минтиқаи Кӯлоб сурат мегирад. Инчунин роҳ ба ноҳияҳои Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб аз маркази шаҳри Хоруғ мегузарад, ки мушкилии зиёдро барои аҳолии шаҳр ба вуҷуд меорад. Барои бартараф намудани мушкилии ҷойдошта сохтмони пули мошингард аз боли оби дарёи Ғунд дар маҳаллаи Селхозтехника ба нақша гирифта шудааст, ки бунёди он самти ҳаракати мошинҳоро дигар мекунад.

Дар шаҳри Хоруғ нигоҳдории роҳ ба уҳдаи корхонаи «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» -и шаҳр вогузор шуда, ба он 2 адад техникаи

роҳсозӣ вобаст карда шудааст (аз ин 1 ададаш коршоям буда, 1 адади дигар дар ҳолати бади техникӣ қарор дорад).

Дар тавозуни корхона 34 км роҳҳои хусусияти байналмилалию ҷумҳуриявӣ, 23 км роҳҳои дохили маҳаллаҳо ва 4 кӯпрук мебошад. Ҳолати роҳҳо начандон хуб буда, ба таълаботи стандартӣ ҷавогӯй намебошад (бахусус роҳҳои маҳаллӣ дар Хоруғи Боло, Тирчид, Бадахшон). Аз сабаби солҳои дароз истифода бурдан ва нагузаронидани таъмири асосӣ қисми зиёди роҳҳо вайрон гашта ба барқарорсозӣ ниёз доранд. Инчунин, корхона барои нигоҳдории роҳҳо техника надорад (корхона ба 1 адад автогрейдер, 1-адад булдозер, 1-адад боркунаки фронталии LW-321, 2-адад автомашинаҳои боркаш эҳтиёҷ дорад). *Дар баробари ин, роҳҳои пиёдагард низ ба корхонаи мазкур вобаст карда шудаанд, ки аз онҳо* 1284 *м*$^2$ *роҳҳои пиёдагард ва* 512*м*$^2$ (1280 *м*) *новаҳои қубрҳои обпарто таъмирталаб мебошанд.*

Роҳҳои автомобигарди шаҳр асфалпӯш буда, аз ин фарши асфалту бетон 21,7 км, фарши такмилёфтаи роҳ 7,6 км ва сангфарш 51 км мебошад. Инчунин, дар ҳудуди ноҳия 4 адад пул ва 8 адад қубурҳои обгузар мавҷуд мебошад (эҳтиёҷот 10 адад). Болопӯши пулҳо аз бетон ва оҳан рӯпӯш буда, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта ба азнавсозӣ ниёз доранд.

Дар маҳалаҳои аҳолинишин ва хонаҳои истиқоматии шаҳр қубрҳои обгузар шинонда нашудааст ва об ба сатҳи роҳ баромада, сабаби вайроншавии роҳҳо мегардад.

Барои беҳтар намудани химатрасонӣ ва нигоҳдории роҳҳо таъсис додани муассисаи нигоҳдории роҳҳо дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ба мақсад мувофиқ аст.

4.3. **Барқтаъминкунӣ**

*Таҳлили вазъи воқеъии соҳа.* Шабакаҳои барқии шаҳри Хоруғ соли 1963 таъсис дода шуда, соли 2002 аз тобеияти ШСХК «Барқи Тоҷик» ба шабакаи мустақили ҶСШК «Помирэнерҷӣ» табдил дода шуд. Дар мувозинаи шабакаи номбурда 154 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10 кВ (аз ин 40 адад дар тавозуни дигар ташкилотҳо мебошад), бо иқтидори умумии 55324 кВА қарор дорад. Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 10кВ 77,4 км (аз ин хати кабелӣ 5,4 км), дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВ –186,3 км (аз ин хати кабелӣ 44,0 км) мебошад, ки аҳолии шаҳро бо нерӯи барқ таъмин мекунанд.

Дар давоми солҳои 2015-2019 барои беҳтар намудани хизматрасонии барқ ба аҳолии шаҳр таъмири асосии хатҳои 0,4кВ-10кВ (иваз намудани ноқилҳо бо ноқилҳои замонавӣ (СИП)) дар назар аст. Инчунин азнавзозии ХИБ 0.4-10кВ дар маҳаллаҳои Шарифобод,Фурӯдгоҳ, Тем, Хонаи маорифи сиёсӣ, УПД-1, Заводи оҳану бетон, Боғи ботаникӣ, касалхонаи вилоятӣ, заводи гӯшту шир, маркази шаҳр, Ниводак, шинондани зеристгоҳи иловагӣ дар фидерҳои Хонаи маорифи сиёсӣ, УПД-1, Ниводак, Селхозтехника ва таъмири капиталӣ дар зеристгоҳҳои 10-0,4 кВ дар шаҳри Хоруғ пешбини шудааст.

Аҳолии шахр аз неруи барқ дар тамоми фаслҳои сол шабонарӯзӣ таъмин мебошанд.

4.4. **Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар шаҳр истгоҳи нави рақамии телефонии дорои 5 рақама ва 1 нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 21 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 10 ҳазор адад). Дар шаҳри Хоруғ 2 адад истгоҳи телефонӣ бо гунҷоиши 8048 адад истгоҳои телефонӣ ва 5551 адад нуқтаи телефонӣ мавҷуд аст.

Аҳолии шаҳр аз шабакаҳои мобилии «ТСЕЛЛ», «Мегафон», «Билайн», «Вавилон» ва «М-теко» истифода мебаранд.

Дар шаҳри Хоруғ барномаҳои симо ва садои ҷумҳурӣ пурра пахш мешаванд (фарогирии барномаҳои телевизионии "Шабакаи аввал" 99,7 фоиз, «Сафина» 90 фоиз, "Баҳористон" 67,3 фоиз, "Ҷаҳоннамо" 83,6 фоиз, ТВ-"Бадахшон" 18,0% ва фарогирии мавҷи барномаи радиои ҷумҳуриявӣ 67 фоиз, садои "Душанбе" 41,0 %, радиои "Фарҳанг" 12 %, радиои маҳаллӣ 18,0% ва инчунин барномаи радиои хусуси мавҷи «Имрӯз» пахш мешавад). Телевизиони "Бадахшон" аз соли 1990 фаъолият дошта, пахши барномҳои он аҳолии шаҳр ва қисман деҳаҳои назди шаҳрии ноҳияҳои Шуғнон ва Рошткалъаро фаро мегирад ва боқимонда ноҳияҳои вилоят ба барномаҳои он дастрасӣ надоранд. Аз сабаби пахш нагардидани ТВ "Бадахшон" сокинони минтақаҳои вилоят на ҳамеша аз дастовардҳои дар ҳудуди вилоят ноилгардида воқиф мебошанд. Барои пурра дар ҳудуди вилоят пахш шудани барномаҳои ТВ "Бадахшон" таҷҳизотҳои замонавӣ (аз ҷумлаи радио релей ё мовора тавассути хатти нурӣ) дастрас намудан зарур аст ( барои ин тақрибан 4,0 млн. сомонӣ лозим аст). Дар ҳоли ҳозир аз нарасидани таҷҳизоти техникии замонавии рақамӣ (комплект) массисаи мвзкур танқиси мекашад.

Инчунин дар ҳудуди вилоят 170 нуқтаи қабул ва пахши барномаҳои симо ва садои ҷумҳуриявӣ мавҷуд аст, ки зиёда аз 80.0 фисади онҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доранд ва дар онҳо насби барномаҳои симои рақамӣ ғайри имкон аст.

Дар шахр рӯзномаи «Бадахшон» (бо теъдоди солонаи 1,7 ҳазор нусха), «Оинаи Зиндагӣ» (бо теъдоди солонаи 1000 нусха), «Импульс» (бо теъдоди солонаи 4 ҳазор нусха) мунтазам нашр карда мешавад.

## БОБИ 5. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО

Таи солҳои 2010-2013 дар шаҳри Хоруғ 41 ҳолати фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми се соли охир хисороти молиявӣ аз офатҳои табиӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ расонида 1824,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки

ин ба 15 фоизи буҷети шаҳр баробар аст. Аз ҳама бештар соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр дар соли 2012 аз офатҳои табии зарар диданд (1138, 1 млн. сомонӣ ё 3,4 фоизи буҷети маҳаллӣ).

***Таносуби буҷети шаҳр ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда***

| *Номгӯ* | *Солхо* | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | *ҳамагӣ* |
| *Буҷет* ( *сомонӣ*) | 9053000 | 10143000 | 12667100 | 31863200 |
| *Хисорот аз ҳолатхои фавқулодда* ( *сомонӣ*) | 420000 | 266829 | 1138100 | 1824929 |
| *Хисорот аз ҲФ ба ҳисоби фоиз* (%) | 4,6 | 2,6 | 8,9 | 5,7 |

Самти асосии Барномаи рушди шаҳр тӯли солҳои минбаъда дар ҳолати омодагӣ қарор додан ва пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ аст, зеро 10 маҳалаи аҳолинишини шаҳр дар мавзеи хатарнок ҷойгир мебошанд, ки ба ин маҳалаҳо бештар офатҳои табиӣ аз ҷумлаи сел, обхезӣ, тарма ва сангчарх таҳдид мекунад. Дар мавзеъҳои хатарнок 20 фоизи аҳолии шаҳр истиқомат доранд (276 хоҷагӣ бо шумораи 1321 нафар аҳолӣ).

Офатҳои табиӣ, ки ҳамасола ба аҳолии шаҳр таҳдид мекунад селҳо, заминларза, шамоли сахт, хунукиҳои сахт, тарма, сангрезӣ, обхезӣ ва боронҳои шадид мебошад. Сол то сол дарёҳои Ғунд, Шоҳдара, Ишкошим ва Панҷ маҷрои худро дигар карда, заминҳои назди соҳилҳоро шуста мебарад. Бо мақсади дар оянда бартараф намудани хатари шустани заминҳои корам ва заминҳои наздиҳавлигии назди соҳил вазифаи аввалият дар доираи Барномаи рушди шаҳр тӯли солҳои минбаъда ба роҳ мондани соҳилмустаҳкамкунии (бахусус дар мавзеъҳои Шарифобод) мебошад.

**Номгӯи маҳалҳои аҳолинишини дар зери хатари равандҳои геологӣ ҷойгирбудаи шаҳр**

| № | Номгӯи кучаҳо | Шумораи хоҷагиҳо ва аҳолӣ Ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо ва аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок | Раванди таҳдидкунанда | Дараҷаи хатарнокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| Маҳаллаи Н. Хусрав | | | | | |
| 1 | Кучаи Деҳоӣ | 141 х/х<br>444 нафар | 25 х/х<br>101 нафар | сангчарх, тарма | Хатарнок |
| 2 | Кӯчаи Айёмбеков | 135 х/х<br>401 нафар | 8 х/х<br>35 нафар | тарма, сангчарх | Хатарнок |
| 3 | Карамшоев | 264 х/х<br>1002 нафар | 12 х/х<br>63 нафар | сангчарх, тарма, зериобмонӣ | Хатарнок |
| 4 | С. Абдураҳмонов | 223 х/х<br>964 нафар | 14<br>65 нафар | зериобмонӣ | Хатарнок |
| Маҳаллаи М. Назаршоев | | | | | |
| 1 | Кӯчаи Миликбеков | 84 х/х<br>480 нафар | 7 х/х<br>49 нафар | тарма | Хатарнок |
| 2 | Кӯчаи И. Худомун | 150 х/х<br>900 нафар | 3 х/х<br>4 нафар | зериобмонӣ | Хатарнок |
| 3 | Кӯчаи С. Алиёрбек | 176 х/х<br>1150 нафар | 9 х/х<br>48 нафар | сел, тарма | Хатарнок |
| Маҳаллаи С. Абдуллоев | | | | | |
| 1 | Кӯчаи Миршакар | 273 х/х<br>638 нафар | 30 х/х<br>180 нафар | сел, тарма | Хатарнок |
| 2 | Кӯчаи Ленин | 560 х/х<br>- 3024 | 25 х/х<br>124 нафар | сангчрх, сел | Хатарнок |
| 3 | Кӯчаи В. Гулмамадов | 52 х/х<br>256 нафар | 8 х/х<br>43 нафар | сел | Хатарнок |
| 4 | Кӯчаи М. Худоназаров | 70 х/х<br>274 нафар | 9 х/х<br>43 нафар | сел, сангчарх | Хатарнок |
| Маҳаллаи А. Ҷомӣ | | | | | |
| 1 | Кӯчаи С. Бандалиев | 122 х/х<br>670 нафар | 12 х/х<br>75 нафар | сангчарх, сел, тарма | Хатарнок |
| 2 | Кӯчаи Г. Имоншоев | 113х/х<br>724 нафар | 15 х/х<br>78 нафар | ангчрх, зериобмонӣ | Хатарнок |
| 3 | Кӯчаи Гагарин | 43 х/х<br>202 нафар | 7 х/х<br>42 нафар | сел, тарма | Хатарнок |
| Маҳаллаи Бархоруғ | | | | | |
| 1 | Кӯчаи Қ. Қонунов | 131 х/х<br>620 нафар | 14 х/х<br>55 нафар | сангчарх | Хатарнок |
| 2 | Кучаи В. Гулмамад | 88 х/х<br>401 нафар | 15 х/х<br>60 нафар | сангчарх | Хатарнок |
| 3 | Кӯчаи Иматшоев 18 | 250 х/х | 36 х/х | сангчарх | Хатарнок |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1230 нафар | 150 нафар | | |
| | Ҳамагӣ: 276 хоҷагӣ, 18 кӯча | 3117 х/х 15440 нафар | 276 х/х 1321 нафар | | |

Дар шаҳри Хоруғ 9 хадамот бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

| *Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)* | | |
|---|---|---|
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Автомашина* 1 *адад*<br>*Хайати кормандон* 9*нафар* | *Вуҷуд надорад* | *Асбобҳои садодихи* 4 *адад*<br>*Симҳои майдони* 3 *км*<br>*Симҳои электрикӣ* 10000*м*<br>*Дастаки интиқоли барқи* 6 *адад*<br>*Сутунҳои силкуряри барои даъватӣ* 7 *адад*<br>*Автомашина* 1 *адад* |
| *Хадамоти таъмини тартибот (ШКД)* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Автомашина* 4 *адад*<br>*Асбоби садодиҳи* 2*адад*<br>*Ыайти шахси 90 нафар* | *Вуҷуд надорад* | *Автомашина* 6 *адад*<br>*Сузишворӣ ва равганҳои молиданӣ* 2 *тона* |
| *Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Ҳайати шахсӣ* 51 *нафар*<br>*Автомашина* 3 *адад*)<br>*Ниқобҳои зиддигазӣ* 4 *АСБ*, 15 *адад* | *Вуҷуд надорад* | *Автомашина* 2 *адад*<br>*Гидрантҳо* 40 *адад*<br>*Норбони сешакла* 3 *адад*<br>*Норбони чубӣ* 4 *адад*<br>*Норбони фатхӣ* 3 *адад*<br>*АСВ* 3 *адад*<br>*Сару либоси махсус* 4 *чуфт*<br>*Дастнигохдошт* 50 *адад*<br>*Дастпушаки* 51 *диаметра* -400*мт*<br>*Дастпушаки* 66 *диаметра* 400*мт*<br>*Дастпушаки* 77 *диаметра* 400*мт*<br>*Қутии (калонка) сухторхомушкунӣ* 5*адад* |
| *Хадамоти коммуналӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |
| *Автомашина1 9 адад (10тояш корношоям)*<br><br>*Ыайати кормандон 96нафар* | *Вуљуд надорад* | *Ќубурњои обгузар бо диаметр 150 - 200мм -10км*<br>*Ќубурњои обгузар бо диаметри 20-25мм 200мт 10км*<br>*Гидрантњо 50 адад*<br>*Автокран*<br>*Автомонипулятор*<br>*Булдозер*<br>*Каток*<br>*Сузишвор= 5 тн*<br>*Либосыои махсус*<br>*Асбобыои махсус (бел. бензоплан, таыызоти асфалт мумфаршкун=*<br>*Вентилњо 100 адад* |
| *Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ* | | |
| *Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда* | *Захираҳои мавҷуда* | *Эҳтиёҷот* |

| | | |
|---|---|---|
| Автомашина 1 адад<br>100 кг гипохлориди калсий 40%<br>Ыайати шахси  13 | Вуъуд надорад | Камераи дизели 3 адад<br>Автомашина2 адад<br>Озмоишгоњ барои муайян намудани сифати об 1 – адад<br>Хлор 2 тонна<br>Мошинаи махсуси безараргардон=<br>Либосыои махсуси ымоякунанда<br>Асбобыои безараргардон= |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомашина 3 адад<br>Автокран 1 адад корношоям<br>Ҳайати кормандон зиёда аз 40 нафар | Вуҷуд надорад | |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомашина 1адад<br>Ҳайати кормандон 63 нафар | Вуъуд надорад | Автомашинаи махсуси таъьил= 2 адад<br>Вентилњо 500адад<br>Дастшуякњо 500 адад<br>Нишастгоњи халољо  30 адад<br>Ванна 20 адад<br>Сузишворї ва равганњои молиданї 1 тонна<br>Доруворињо бо арзиши 30000 сомонї |

| Хадамоти  таъминоти озуща | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Њайати кормандон 6 нафар | Вуъуд надорад | Маводыои хурока<br>Равцан, орд, шакар, чой, шир, биринь, макарон ва дигар намудыои хурока<br>Тащрибан ба маблаци  1мл сомон= |

| Хадамоти муыофизат аз селыо ва соҳилмустаыкамкунӣ | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати кормандон 3 нафар | Вуъуд надорад | Автомашинаыои махсус<br>Булдозер<br>Трактор<br>Автокран<br>Борбардор<br>Эксковатор<br>Масолеыи сохтмонӣ<br>Семент 20 т<br>Арматур 2 т<br>Труба 5 км<br>Масолеыи сузишворӣ<br>Бензин 3 т<br>Салярка 3 т |

Пешгирӣ кардани хавфи ҳолатҳои фавкулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои инфрасохторро

дарбаргиранда баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани офат ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Мақсади асосии ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табиӣ дар нақшаи рушди шаҳри Хоруғ тавассути татбиқи нақшаҳои омодабошӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ ҷудо намудани маблағҳои лозима аз буҷет мебошад.

Барои ин, маҳаллаҳои аҳолинишини дар мавзеъи хавфнок ҷойгиршударо иловатан арзёбӣ намуда, харитаро бо назардошти гузаронидани корҳои митигатсионӣ дар маҳалҳо омода ва аҳолиро ба корҳои вобаста ба пешгирӣ кардани хатарҳои аз офатҳои табиӣ ба вуҷуд омада ҷалб намудан зарур аст.

## БОБИ 6.
## ТАЪМИНОТ БО МАБЛАҒҲОИ ЗАРУРӢ

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2015-2019» аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояҳои дохилӣ (соҳибкорони ватанӣ) ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- *Хиссаи аҳолӣ дар иҷрои Барнома*;
- *Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома*;
- *Қарзҳои бонкӣ*;
- *Маблаги фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ*;
- *Сармояи инвесторҳои хориҷӣ*, *ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо*;
- *Сармояи муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе*, *ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.*

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад. Дар ҳолати аз нақша зиёд иҷро шудани буҷет аз ҳисоби барзиёд иҷрошавии қисми даромади он д барои татбиқи соҳаҳои афзалитнок Барнома маблағҳо равон карда мешавнд. Ба ин мақсад дар соли 2013 барои сохтмони асосӣ аз ҳисоби буҷети шаҳр 1,7 млн. сомонӣ (17,9 %) равон шуда буд.

Даромади умумии буҷети шаҳр аз 14 намуди андоз ва пардохт асос ёфтааст.

*Диаграммаи №1. Накшаи даромад ва хароҷоти буҷети шаҳри Хоруғ дар давоми солҳои 2010-2013 (млн.сомонӣ)*




Буҷети шаҳр хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Таи солҳои 2010-2013 аз ҳаҷми умумии хароҷот барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ мутаносибан 78,1%, 68,5%, 1,5 % маблағ равон шудааст. Музди меҳнат ва нафақа 75,9 фоизи қисми асосии хароҷотро дар ин соҳаҳо ташкил медиҳад.

**Диаграммаи №2. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2013 (ба ҳисоби фоиз)**



Сохтори хароҷотҳои буҷети шаҳри Хоруғ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти асосӣ барои бунёди иншотҳои нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.




***Диаграммаи №3 Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2013 (ба ҳисоби фоиз)***

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2013 беш аз 7063,7 ҳазор сомонӣ ва ё 60,2 фисади хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон равона гардидааст. Маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмир равонкардашуда 2595,3 ҳаз.сомонӣ ва ё 22,1 фоиз, барои дигар хароҷотҳо 2071,3 ҳазор сомнӣ, ё 17,6 фоизро ташкил медиҳад. Барои таъмини Барнома дар панҷ соли оянда фазои сармоягузориро дар шаҳр беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.

Диаграммаи №4. Нақшаи дурнамои даромад ва хароҷоти буҷети шаҳри Хоруғ барои давраи солҳои 2015-2019 (млн.сомонӣ)



Таи солҳои охир афзоиши қисмати даромад ва хароҷоти буҷаи маҳаллӣ ба мушоҳида расида, тибқи нақшаи дурнамо то соли 2019 расонидани ҳаҷми даромадҳои худӣ ба 27,9 млн. сомонӣ ва хароҷотҳо бошад ба 23 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки дар қиёс ба нишондиҳандаҳои соли 2013 мутаносибан 1,7 ва 1,9 маротиба зиёд аст.

## БОБИ 7
## НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Низоми мониторинг ва арзёбӣ унсури муҳим дар татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ ба ҳисоб рафта, мушоҳидаи ҷараёни корҳо, мушкилотҳои ҷойдошта ва натиҷаҳои бадастомадаро ошкор месозад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии Барнома таъмин гардада, омилҳои зерин ошкор карда шаванд:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома муваффақ мешавем;
- татбиқи лоиҳаҳои дар Барнома воридгардида ва натиҷаи онҳо.

Низоми мониторинги Барномаи рушди шаҳр аз рӯи ду унсур (мониторинги натиҷавӣ ва мониторинги татбиқи лоиҳаҳо) гузаронида мешавад.

*Мониторинги натиҷавӣ* аз рӯи индикаторҳо (нишондиҳандаҳо) гузаронида шуда тавассути он то кадом андозаноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян карда мешавад (як маротиба дар охири сол гузаронида мешавад).

*Мониторинги татбиқи лоиҳаҳо* аз рӯи ҷойгиршавӣ, муҳлат, сарчашмаи маблағгузорӣ ва масъулин гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати «Excel» тартиб дода шуда, ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.